# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

## Дар бораи регламентҳои техникии бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Регламентҳои техникии бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи регламентҳои техникии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Қарори мазкур баъд аз шаш моҳ аз рӯзи тасдиқи регламентҳои техиикии мазкур мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 апрели соли 2016 № 190

ш. Душанбе

Замимаи 3

Бо карори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "30" апрели соли 2016, № 190

тасдиқ шудааст

# РЕГЛАМЕНТИ ТЕХНИКИИ "БЕХАТАРИИ ШИР ВА МАҲСУЛОТИ ШИРӢ"

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ" (минбаъд - Регламенти техникӣ) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" бо мақсади муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ ба шир ва маҳсулоти ширӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешаванд, таҳия шудааст.

2. Шир ва маҳсулоти ширӣ дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва дигар регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ мегардад, ба муомилот бароварда мешаванд.

## 2. Доираи татбиқи регламенти техникии мазкур

3. Регламенти техникии мазкур бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, муҳити зист, ҳаёт ва саломатии ҳайвонот, амалҳои огоҳкунандае, ки истеъмолкунандагони шир ва маҳсулоти шириро вобаста ба таъинот ва бехатарии он ба иштибоҳ андохта, ба шир ва маҳсулоти ширии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бафурӯшбаровардашаванда, ҳамчунин равандҳои истеҳсол, бастабандӣ, тамғагузорӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва ба партов табдилёбии он татбиқ мегардад, нигаронида шудааст.

4. Регламенти техникии мазкур ба шир ва маҳсулоти ширии бо мақсади истеъмол истифодашаванда, аз ҷумла маҳсулоти ширии зерин татбиқ карда мешавад:

а) шири хом - шири хом ва беравғангардонидаи (хом ва ба таври гармӣ коркардшуда) хом, қаймоқи (хом ва ба таври гармӣ коркардшуда)хом;

б) маҳсулоти ширӣ, аз ҷумла:

- маҳсулоти ширӣ;

- маҳсулоти ширии таркибӣ;

- маҳсулоти таркибашон ширдор;

- дигар маҳсулоти аз шир коркардшуда;

- маҳсулоти ғизоии кӯдакон бо асосҳои ширӣ барои кӯдакони синни хурд (аз 0 то 3 сола), синни томактабӣ (аз 3 то 6 сола), синни мактабӣ (аз 6 сола ва боло), омехтаҳои ширии ибтидоӣ ва минбаъда (аз ҷумла хушк), омехтаҳои хушк ва ширтурш, нӯшокиҳои ширӣ (аз ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол омодагардида ва шӯлаҳои ширии хушк мутобиқгардонида (адаптатсияшуда) ё қисман мутобиққунонидашуда (дар шароити хонагӣ тавассути об барқароршаванда) барои ғизои кӯдакони синни хурд;

в) равандҳои истеҳсол, борҷомакунӣ, тамғагузорӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва истифодаи партовҳои шир ва маҳсулоти ширӣ;

г) қисматҳои функсионалии барои истеҳсоли маҳсулоти коркардшудаи шир зарурӣ;

5. Амали Регламенти техникии мазкур ба маҳсулоти зерин татбиқ карда намешавад:

а) маҳсулоти дар асоси шир ва маводҳои ширӣ омодагардидае, ки барои истифода дар ғизоҳои махсусгардонидашуда (ба истиснои шир ва маҳсулоти ширӣ барои ғизои кӯдакон) нигаронида шудаанд;

б) маҳсулоти ошхонагӣ ва қаннодӣ, иловаҳои ғизоӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ, маводҳои доруворӣ, хӯроки ҳайвонот, маводи ғайрихӯрокворие, ки бо истифода ё дар асоси шир ва маҳсулоти ширӣ омода гардидаанд;

в) шир ва маҳсулоти ширии аз шаҳрвандон дар шароити хона истеҳсолгардида ва (ё) хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ гирифташуда.

## 3. Мафҳумҳои асосӣ

6. Бо мақсади татбиқи Регламенти техникии мазкур мафҳумҳои муқаррааргардидаи регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ", "Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" ва ҳамчунин мафҳумҳои зерин ва муайянкунандаҳои онҳо мавриди истифода қарор мегиранд:

- айрон - маҳсулоти чурғотӣ, ки бо роҳи ҷӯшиши омехта (чурғотӣ ё спиртӣ) бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (стрептококкҳои чурғотии термофилӣ, чӯбчаҳои чурғотии булғорӣ) ва хамирмояҳо бо иловакунии об, намаки ошӣ ё бе иловакунии онҳо истеҳсол шудааст;

- албумин - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки аз зардоби ширӣ ва консентратҳои ифодакунандаи зардобии сафедаҳои шир истеҳсол шудаанд;

- асидофилин - маҳсулоти чурғотӣ, ки бо истифодаи таносуби баробари микроорганизмҳои туршкунанда (чӯбчаҳои ширии асидофилӣ, лактококкҳо ва туршкунандаҳое, ки дар мағораҳои кефирӣ тайёр шудаанд) истеҳсол шудаанд;

- мост (варенетс) - маҳсулоти чурғотӣ, ки бо роҳи туршкунонии шир ва (ё) маҳсулоти ширии қаблан тамъизшуда ё дигар коркарди ҳароратиро дар ҳарорати 97 °С + 2 °С гузашта, бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (стрептококкҳои ширии термофилӣ) то расидан ба хосиятҳои органолептикии махсус, истеҳсол шудаанд.

- шири барқароршуда - маҳсулоти ширӣ, ки дар борҷомаи истеъмолӣ гирифта шудааст, ё маҳсулоти хом барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи шир, ғайр аз шири нӯшидании аз маҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда ё ин ки хушконидашуда ва об истеҳсолшуда;

- маҳсулоти ширии ғайриасосӣ - маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, маҳсулоти ширии таркибӣ, маҳсулоти таркибашон ширдор бо нишонаҳои қисман гумшудаи ҳаммонандӣ ё бо хосиятҳои истеъмолии барои истифода баъди аз нав коркард намудан таъиншуда (аз ҷумла, маҳсулоте, ки дар давраи мӯҳлати истеъмолиашон бозпас гирифта шуда, ба талаботи бехатарии ба маҳсулоти хоми хӯрокворӣ пешбинишуда ҷавобгӯ мебошанд)

- туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ - микроорганизмҳои ғайрикасалиовар, ғайризаҳровар ва (ё) ассосиатсияи микроорганизмҳои (асосан чурғотии) ба таври махсус интихобшуда ва барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ истифодашаванда;

- фаллаи (твороги) дона-дона - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти ширии таркибӣ, ки аз донаи фалла бо илова намудан ё бе иловаи саршир, намаки ошӣ ва дигар компонентҳои ғайриширии на бо мақсади ивазкунии қисми таркибии шир дохидкардашуда, истеҳсол шудаанд:

- йогурт - маҳсулоти чурғотӣ бо таркиби баланди моддаҳои хушки ширии беравғанкунонидашуда, ки бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (стрептококкҳои ширии термофилӣ ва чӯбчаҳои булғории чурғотӣ) истеҳсол шудаанд;

- казеин - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки аз шири беравғанкунонидашуда ва ифодакунандаи вазифаи асосии сафедаи шир истеҳсол шудааст;

- казеинат - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки аз козеин бо роҳи коркард бо маҳлулҳои гидрати оксиди металҳои ишқорӣ ё намак ва хушккардашудаҳои онҳо истеҳсол шудаанд;

- кефир - маҳсулоти чурғотие, ки бо роҳи ҷӯшонидани омехта (чурғотӣ ё спиртӣ) бо истифодаи туршкунандаҳои дар асоси мағорҳои кефирӣ бе иловакунии микробҳои тозаи микрорганизмҳои чурғотӣ ва хамирмояҳо тайёршуда, истеҳсол шудаанд.

- яхмоси чурғотӣ - яхмос (маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти ширии таркибӣ), ки дар он ҳиссаи вазни равғани шир на зиёда аз 7,5 фоизро ташкил дода, бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда ё маҳсулоти чурғотӣ истеҳсол шудааст;

- маҳсулоти чурғотӣ - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти ширии таркибӣ, ки бо роҳи пасткунандаи нишондиҳандаи туршнокии фаъол (pH), баландкунандаи нишондиҳандаи кислотанокӣ ва дурдабандии сафедаи шир, туршкунонии шир ва (ё) маҳсулоти ширӣ ва (ё) омехтаҳои онҳо бо компонентҳои ғайриширӣ, ки на бо мақсади иваз намудани қисми таркибии шир дохил карда мешаванд (то ё баъди туршкунонӣ) ё бе иловаи компонентҳои муқарраршуда бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда истеҳсол шудаанд ва дорои микроорганизмҳои туршкунандаи зинда ба миқдоре, ки дар замимаи №1 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, мебошанд.

- хамираи чурғотию қаймоқии равғанӣ - хамираи равғанӣ, ки аз қаймоқи пастеризатсияшуда бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда истеҳсол шудааст;

- равғани чурғотию қаймоқӣ - равғани қаймоқӣ, ки аз қаймоқи пастеризатсияшуда бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда истеҳсол шудааст;

- консентрати сафедаҳои зардобӣ - сафедаҳои зардобӣ, ки аз зардоби ширӣ бо роҳи консентронидан ё ултраполоиш истеҳсол шудаанд;

- шири консентронидашуда ё ғализкардашудаи беравған- маҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 20 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи ширӣ дар моддаҳои ширии хушки беравған - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир - на зиёда аз 1,5 фоизро ташкил медиҳанд;

- шири консентронидашуда ё ғализкардашудаи холис - маҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 25 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи ширӣ

дар моддаҳои ширии хушки беравған - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир - на камтар аз 7,5 фоизро ташкил медиҳанд;

- шири консентронидашуда ё ғализкардашудаи қисман беравғанмаҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 20 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи ширӣ дар моддаҳои ширии хушки беравған - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир - на зиёда аз 1,5 фоиз, вале на камтар аз 7,5 фоизро ташкил медиҳанд;

- қимиз - маҳсулоти ҷурғотии бо роҳи ҷӯшиши омехтаи (ҷурғотӣ ё спиртӣ) шири байтал бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (чӯбчаҳои ҷурғотии булғорӣ ва атсидофилӣ) ва хамирмояҳо истеҳсолшуда;

- маҳсулоти қимизӣ - маҳсулоти ҷурғотии аз шири гов тибқи технологияи тайёркунии қимиз истеҳсолшуда;

- лактулоз - маҳсулоти аз нав коркардшудаи лактозҳо, ки аз маҳсулоти хоми ширии таркибашон лактоздор бо роҳи изомерикунонии лактозҳо истеҳсол шудаанд;

- равған аз шири гов - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби ширӣ дар асоси эмулсионии равғанӣ, ки қисми таркибиашон бештар дорои равғани шир мебошад ва аз шири гов, маҳсулоти ширӣ ва (ё) маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ бо роҳи аз онҳо ҷудо намудани ҳолатҳои равғанӣ ва дар он баробар тақсим намудани плазмаҳо истеҳсолшуда;

- хамираи равғанӣ - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти ширии таркибӣ дар асоси эмулсионии равғанӣ, ки дар он ҳиссаи вазни равған аз 39 то 49 фоизи ҳисобро ташкил медиҳад ва аз шири гов, маҳсулоти ширӣ ва (ё) маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ бо роҳи истифодаи устуворкунандаҳо бо илова ё бе илова намудани компонентҳои ғайриширӣ на бо мақсади иваз намудани қисмҳои таркибии шир истеҳсол шудаанд;

- ҷурғоти мечниковӣ - маҳсулоти ҷурғотии бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (стрептококкҳои ширии термофилӣ ва чӯбчаҳои булғории ҷурғотӣ) истеҳсолшуда;

- шир -маҳсулоти тарашшуҳи физиологии муътадили ғадудҳои ширии ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ, ки аз як ё якчанд ҳайвонот дар давраи ширдиҳӣ дар ҳолати як ё якчанд ҷӯшиш бе ягон иловакунӣ ба ин маҳсулот ё баровардани ягон модда аз он, гирифта шудааст;

- маҳсулоти таркибашон ширдор - маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз шир ва (ё) қисмҳои таркибии он ва (ё) маҳсулоти ширӣ ва (ё) маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ ва компонентҳои ғайриширӣ, аз рӯи технологияе, ки имконияти иваз намудани равғани ширро ба миқдори на зиёда аз 50 фоиз аз ҳолатҳои равғанӣ танҳо (махсусан) бо ивазкунандаҳои равғани шир пешбинӣ менамояд ва истифодаи сафедаи аз маводи ғайриширӣ истеҳсолшударо на бо мақсади иваз намудани сафедаи шир бо ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ дар моддаҳои хушки маҳсулоти тайёр на камтар аз 20 фоиз иҷозат медиҳад;

- плазмаи шир - системаи коллоидии сафедаҳои шир, қанди шир (лактозҳо), моддаҳои маъданӣ, ферментҳо ва витаминҳо дар ҳолати обӣ;

- маҳсулоти ширӣ - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар худ маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти ширии таркибӣ, маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, маҳсулоти ғизои кӯдакон дар асоси шир, омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъдаи мувофиқкардашуда (адаптатсияшуда) ё қисман мувофиқкардашуда (аз ҷумла хушк), омехтаҳои ҷурғотии хушк, нӯшокиҳои ширӣ (аз ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёршуда, шӯлаҳои ширии хушк (то тайёр шудан дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсолро дар бар мегиранд;

- зардоби ширии зерпанирӣ, фаллагӣ ё казеинӣ - маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар ҳолати истеҳсоли панир (зардоби зерпанирӣ), фалла (зардоби фалла) ё казеин (зардоби казеин) ҳосил мешаванд.

- яхмоси ширӣ - яхмос (маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти ширии таркибӣ), ки дар он ҳиссаи вазни равғани шир на зиёда аз 7,5 фоизро ташкил медиҳад;

- шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёр шудан дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони синни хурд - маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакон, ки аз намудҳои гуногуни ярмаҳо ва (ё) орд, шир ва (ё) маҳсулоти ширӣ ва (ё) маҳсулоти таркибашон ширдор бо илова ё бе илова намудани компонентҳои ғайриширӣ, бо ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ дар моддаҳои хушки маҳсулоти барои истеъмол тайёр на камтар аз 15 фоиз, истеҳсол шудаанд;

- нӯшокиҳои ширӣ барои ғизои кӯдакони хурдсол - маҳсулоти ширӣ барои ғизои кӯдакони хурдсол, барои истифода тайёр, ки аз шири хом ва (ё) маҳсулоти ширӣ бо илова ё бе илова намудани компонентҳои ғайриширӣ бо коркарди минбаъдаи ҳароратӣ, ҳадди ақал пастеризатсиякунӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи физиологии кӯдакони хурдсол истеҳсол шудаанд;

- консерваҳои ширӣ - консерваҳо бо таркиби ширӣ - "консерваҳои таркибашон ширдор" - маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти ширии таркибӣ, таркибашон ширдори хушк ё консентронидашудаи (ғализшудаи) дар зарфҳо борҷомашуда;

- равғани шир - маҳсулоти ширӣ, ки дар он ҳиссаи вазни равғани шир на камтар аз 99,8 фоизро ташкил дода, дорои тамъ ва бӯйи нейтралӣ (беосор) мебошанд ва аз шир ва (ё) маҳсулоти ширӣ бо роҳи дур намудани плазмаҳои ширӣ истеҳсол шудааст;

- нӯшокии ширӣ - маҳсулоти ширӣ ё бо таркиби ширӣ, ки аз шир ва (ё) қисмҳои таркибии шир ва (ё) маҳсулоти ширӣ, аз он ҷумла аз маҳсулоти ширии консентронидашуда ва (ё) ғализкардашуда ва (ё) хушк ва об, бо

илова ё бе илова намудани компонентҳои ғайриширӣ на бо мақсади иваз намудани қисмҳои таркибии шир, бо ҳиссаи вазни сафедаи шир на камтар аз 2,6 фоиз ва бо ҳиссаи вазни моддаҳои хушки беравғани ширӣ на камтар аз 7,4 фоиз (барои маҳсулоти ширӣ) истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти ширӣ - маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз шир ва (ё) қисмҳои таркибии шир ва (ё) маҳсулоти ширӣ, бо илова ё бе илова намудани маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ (ба истиснои маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти таркибашон ширдор гирифта шудаанд) бе истифодаи равғани ғайриширӣ ва сафедаи ғайриширӣ, ки дар таркибашон мумкин аст компонентҳои барои аз нав коркард намудани шир ба таври функсионалӣ зарурӣ мавҷуданд, истеҳсол шудаанд;

- қанди шир - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки аз зардоб ё ултраполоиши зардоби ширӣ бо роҳи консентронидан, кристаллкунонӣ ва хушккунии лактозҳо истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти ширии таркибӣ - маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз шир ва (ё) қисмҳои таркибии шир ва (ё) маҳсулоти ширӣ, бо илова ё бе илова намудани маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ (ба истиснои маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти таркибашон ширдор гирифта шудаанд) ва компонентҳои ғайриширӣ (ба истиснои равғанҳои баромадашон ғайриширӣ, ки ба таркиб ҳамчун ингредиенти мустақил дохил шудаанд (ба маҳсулоти ширӣ барои ғизои кӯдакони хурдсол, ки дар ҳолати истеҳсолашон равғанҳои баромадашон ғайриширӣ истифода шудаанд), ки на бо мақсади иваз намудани қисми таркибии шир илова карда мешаванд, истеҳсол шудаанд. Дар ин ҳолат қисмҳои таркибии шир дар маҳсулоти тайёр бояд зиёда аз 50 фоиз, дар маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии яхмосӣ ва ширин - зиёда аз 40 фоиз бошад;

- яхмоси устувор - яхмосе, ки баъд аз коркард дар фризер то ҳарорати на зиёда аз минус 18 °С яхкунонида шудааст ва ҳарорати нишондодашударо дар ҳолати нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши он ҳифз менамояд;

- яхмоси нарм - яхмосе, ки дорои ҳарорати аз минус 5 °С то минус 7 °С буда, бевосита баъд аз коркард дар фризер ба истеъмолкунандагон фурӯхта мешавад;

- яхмос бо ивазкунандаи равғани шир - яхмос (маҳсулоти таркибашон ширдор) бо ҳиссаи вазни равғаннокии на зиёда аз 12 фоиз;

- яхмос - маҳсулоти ширӣ, маҳсулот бо таркиби ширӣ ва маҳсулоти таркибашон ширдори ширини латзадашуда, яхкунонидашуда ва дар шакли яхкунонидашуда истеъмолшаванда;

- маҳсулоти ширии миллӣ - маҳсулоти ширии дорои номгӯйи таърихие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудаанд, бо хосиятҳои технологии истеҳсол, маҳсулоти хом, таркиби истифодашаванда дар ҳолати истеҳсол бо туршкунандаҳо ва (ё) бо номгӯи объекти ҷуғрофиашон муайян шудаанд (ҷойи паҳншавии маҳсулоти ширӣ муайян);

- компонентҳои ғайриширӣ - маҳсулоти хӯрокворие, ки ба маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ илова карда мешаванд, ё иловагиҳои ғизоӣ, ё витаминҳо, ё микро-ва макроэлементҳо, ё сафедаҳо, ё равғанҳо, ё карбогидридҳои баромадашон ғайриширӣ;

- шири муътадилкардашуда - маҳсулоти хом барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар он ҳиссаи вазни равғаннокии шир ва сафедаи шир ва (ё) моддаҳои хушки беравғанкунонидашуда ё ин ки таносуби онҳо мутобиқи нишондиҳандаҳои стандарт ё ҳуҷҷати техникии истеҳсолкунанда, ки аз рӯи мутобиқаташон маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ истеҳсол мешавад, дарҷ карда шудаанд;

- шири беравғанкунонидашуда - маҳсулоти хом барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар он ҳиссаи вазни равғаннокии шир на камтар аз 0,5 фоиз буда, дар натиҷаи ҷудо намудани равғани шир аз шир ҳосил карда мешаванд;

- шири такмилдодашуда (серғизо) - маҳсулоти хом ё шири нӯшокӣ, ки барои баланд бардоштани арзиши ғизоии маҳсулот дар муқоиса бо таркиби табиӣ (аввалия) иловатан, дар алоҳидагӣ ё дар маҷмуъ сафедаҳои ширӣ, витаминҳо, макро- ва микроэлементҳо, нахи ғизоӣ, кислотаҳои равғании нимғализшуда, фосфолипидҳо, пребиотикҳо дохил карда шудаанд;

- шири пастеризатсияшуда, тамъизшуда, ултрапастеризатсияшуда, бо ҳарорати ниҳоят баланд коркардшуда - шире, ки коркарди ҳароратиро бо мақсади риояи талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур ба нишондиҳандаҳои микробиологии бехатарӣ гузаштааст;

- дӯғ - маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар ҳолати истеҳсоли равған аз шири гов ҳосил карда мешавад;

- шири нӯшокӣ - шири холис, беравғанкардашуда, муътадилкунонидашуда, серғизокардашуда - маҳсулоти ширӣ бо ҳиссаи вазни равғаннокии камтар аз 10 фоиз, ки коркарди ҳароратӣ, ҳадди ақал пастеризатсия шудааст, бе иловакунии маҳсулоти ширии хушк ва об, дар зарфи истеъмолӣ ҷойгиркардашуда;

- қаймоқи нӯшокӣ - қаймоқи коркарди ҳароратӣ, ҳадди ақал пастеризатсияшуда ва дар зарфи истеъмолӣ ҷойгиркардашуда;

- панири мулоим - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби ширӣ, ки аз панир ва (ё) фалла бо истифодаи маҳсулоти ширӣ ва (ё) маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, намакҳои эмулсияофар ё таркибофар бо роҳи резакунӣ, омехтакунӣ, гудохтан ва эмулсияофарии омехтаҳо барои гудохтан бо илова ё бе илова

намудани компонентҳои ғайриширӣ, ки на бо мақсади иваз намудани қисми таркибии шир дохил гардидаанд, истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти гудохташудаи панирӣ - маҳсулоти таркибашон ширдор, ки тибқи технологияи истеҳсоли панири гудохташуда истеҳсол шудаанд;

- пломбир (яхмоси навъи аъло)- яхмос (маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти таркибашон ширдор), ки дар он ҳиссаи вазни равғаннокии шир на камтар аз 12 фоизро ташкил медиҳад;

- маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ - маҳсулоти иловагии дар раванди истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ ҳосилшуда;

- хамираи равғании зерпанирӣ - хамираи равғание, ки аз қаймоқи ба тавri сепаратсия аз зардоби зерпанирӣ гирифташуда ҳосил шудааст;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии белактоз - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар он мавҷудияти лактозаҳо на зиёда аз 0,1 г дар 1 литрро дар маҳсулоти барои истеъмол тайёре, ки дар онҳо лактоза гидролизатсия ё дур карда шудааст, ташкил медиҳад;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии латзадашуда -маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии бо роҳи латзанӣ истеҳсолшуда;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии барқароршуда -маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ (ғайр аз шири нӯшокӣ), ки аз маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии консентронидашуда (ғализкардашуда) ё хушк ва об бо илова ё бе илова намудани дигар маҳсулоти ширӣ истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии бо қанд консентронидашудамаҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии консентронидашуда, ки бо илова намудани сахароза ва (ё) дигар намуди қандҳо истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии консентронидашуда, ғализкардашуда, буғдодашуда ё яхкунонидашуда - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки бо роҳи қисман аз онҳо ҷудо намудани об то расидани ҳиссаи вазни моддаҳои хушк ба ҳадди на камтар аз 20 фоиз истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии камлактоз - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар онҳо лактоз гидролизатсия ё дур карда шудааст;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии муътадилкардашудамаҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар онҳо ҳиссаи вазни равғаннокии шир ва сафедаи шир ва (ё) моддаҳои хушки беравғанкунонидашуда ё ин ки таносуби онҳо мутобиқи нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои маҳсулот муқарраршуда дарҷ карда шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии беравғанкунонидашудамаҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки аз шири беравғанкардашуда ва (ё) дуғҳо ва (ё) зардобҳо ва (ё) маҳсулоти дар асоси онҳо истеҳсолшуда, тайёр шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии такмилдодашуда (серғизо)маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии бо илова намудани моддаҳое, чун сафедаҳои ширӣ, витаминҳо, макро- ва микроэлементҳо, нахи ғизоӣ, кислотаҳои равғании нимғализшуда, фосфолипидҳо, микроорганизмҳои пребиотикӣ, пребиотикҳо дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯъ;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии омехтакардашудамаҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки аз маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ ва (ё) қисмҳои таркибии алоҳидаи онҳо ва об истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии сублиматсияшудамаҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки бо роҳи ҷудо намудани об аз маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии яхкунонидашуда то расидани ҳиссаи вазни моддаҳои хушк ба ҳадди на камтар аз 95 фоиз истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи шири хушк - бо роҳи қисман чудо намудани об аз маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии яхкунонидашуда то расидани ҳиссаи вазни моддаҳои хушк ба ҳадди на камтар аз 90 фоиз истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии коркарди ҳароратишуда, пастеризатсияшуда, тамъизшуда, ултрапастеризатсияшуда, ё бо роҳи ҳарорати баланди ултравӣ коркардшуда - маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки коркарди ҳароратиро гузаштааст ва ба талаботи регламенти техникии мазкур, ки барои сатҳи иҷозатдодашудаи мавҷудияти микроорганизмҳо дар чунин маҳсулот муқаррар шудаанд, ҷавобгуй мебошанд;

- маҳсулот дар асоси гидролизатҳои қисмани сафеда - маҳсулоти ширӣ барои ғизои кӯдакон, ки аз сафедаи шири ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ, ки қисман гидролизро гузаштанд, ҳосил шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ дар асоси гидролизатҳои пурра ва қисмани сафедаҳо - маҳсулоти ширӣ, ки аз сафедаи шири гов, ки пурра ё қисман гидролизро гузаштанд, ҳосил шудаанд;

- маҳсулоти ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ - маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кудакон (ба истиснои омехтаҳои ширии хушк ва моеъ, нӯшокиҳои ширӣ ва шӯлаҳои ширӣ), ки аз шири ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ бо илова ва бе илова намудани маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ ва (ё) қисмҳои таркиби шир ва ҳамчунин бо илова ва бе илова намудани компонентҳои ғайри ширӣ ба ҳадди на зиёда аз 50 фоиз аз вазни умумии маҳсулоти тайёр истеҳсол шудаанд;

- мост - маҳсулоти ҷурғотӣ, ки бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (лактококкҳо ва (ё) стрептококкҳои термофилии ҷурғотӣ) истеҳсол шудаанд;

- ряженка - маҳсулоти чурғотӣ, ки бо роҳи туршкунонии шири дамдодашуда бо илова ва бе илова намудани маҳсулоти ширӣ бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (стрептококкҳои термофилии чурғотӣ) бо илова ва бе илова намудани чӯбчаҳои булғории чурғотӣ истеҳсол шудаанд;

- шири бо қанд ғализшудаи беравғанкунонидашуда - маҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда бо қанд, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 26 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи шир дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи шир - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир - на зиёда аз 1 фоизро ташкил медиҳад;

- шири бо қанд ғализшудаи яклухт - маҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда бо қанд, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 28,5 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи шир дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи шир - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир -на камтар аз 8,5 фоизро ташкил мекунад;

- шири бо қанд ғализшудаи қисман беравғанкунонидашудамаҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда бо қанд, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 26 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи шир дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи ширна камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир -на зиёда аз 1 фоиз, вале на камтар аз 8,5 фоизро ташкил мекунад;

- қаймоқи бо қанд ғализшуда - маҳсулоти ширии консентронидашуда ё ғализкардашуда бо қанд, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 37 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи шир дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи шир - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир - на камтар аз 19 фоизро ташкил мекунад;

- маҳсулоти туршкардашуда - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби ширӣ, баъди туршкунонӣ бо роҳи ҳароратӣ коркардшуда ё маҳсулоти таркибашон ширдор, ки мутобиқи технологияи истеҳсоли маҳсулоти чурғотӣ, бо нигоҳдории намуд ва таркиби микрофлораҳои туршкунандаҳо, ки намуди маҳсулоти чурғотиро муайян мекунанд ва дорои хосиятҳои ба онҳо монанди органолептикӣ ва физикӣ - кимиёвӣ мебошанд, истеҳсол шудаанд;

- хамираи равғании қаймоқи ширин - хамираи равғанӣ, ки аз қаймоқи пастеризатсияшуда истеҳсол гардидааст;

- равғани қаймоқи ширин - равғани қаймоқӣ, ки аз қаймоқи пастеризатсияшуда истеҳсол гардидааст;

- қаймоқи хушк - маҳсулоти ширии хушк, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 95 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи шир дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи шир - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир - на камтар аз 42 фоизро ташкил медиҳад;

- қаймоқ (саршир) - маҳсулоти ширӣ (маҳсулоти хом), ки аз шир ва (ё) маҳсулоти ширӣ истеҳсол шуда, дар худ эмулсияи равғани шир ва плазмаи шириро, ки дар он ҳиссаи вазни равғаннокии шир на камтар аз 10 фоизро ташкил медиҳад, дар бар мегирад;

- равғани қаймоқ - равған аз шири гов, ки дар он ҳиссаи вазни равғаннокии шир на камтар аз 50 фоизро ташкил медиҳад;

- яхмоси қаймоқӣ - яхмос маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби ширӣ, ки дар он ҳиссаи вазни равғаннокии шир аз 8 то 11,5 фоизро ташкил медиҳад;

- равғани қаймоқии зерпанирӣ - равғани қаймоқӣ, ки аз саршири ба таври ҷудо намудани зардоби зерпанирӣ гирифташуда, истеҳсол шудааст;

- омехтаи қаймоқӣ-растанигии дамдодашуда - маҳсулоти таркибашон ширдор, ки дар онҳо ҳиссаи вазни равғаннокии умумӣ на камтар аз 99 фоизро ташкил медиҳад ва аз равғани омехтаи (спреди) растанигӣ бо роҳи обкунии ҳолатҳои равғанӣ ё бо истифодаи дигар усулҳои технологӣ истеҳсол шудаанд;

- равғани омехтаи қаймоқӣ - растанигӣ - маҳсулоти таркибашон ширдор дар асоси равғани эмулсионӣ, ки дар онҳо ҳиссаи вазни равғани умумӣ аз 39 то 95 фоиз ва ҳиссаи вазни равғаннокии шир дар ҳолатҳои равғанӣ - аз 50 то 95 фоизро ташкил медиҳанд;

- маҳсулоти қаймоқӣ - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти таркибашон ширдор бо ҳиссаи вазни равғаннокии зиёда аз 10 фоиз, ки асосан аз қаймоқ тайёр шудаанд;

- омехтаи моеъ барои яхмос - маҳсулоти ширии моеъ, маҳсулот бо таркиби ширӣ ё маҳсулоти таркибашон ширдор, ки дорои ҳамаи компонентҳои зарурӣ барои истеҳсоли яхмос мебошанд;

- омехтаи хушк барои яхмос - маҳсулоти ширии хушк, маҳсулот бо таркиби шири хушк ё маҳсулоти хушки таркибашон ширдор, ки бо роҳи хушконидани омехтаҳои моеъ барои яхмос ё омехтакунии компонентҳои хушки ширӣ истеҳсолгардида ва барои истеҳсоли яхмос баъд аз барқарор намудан бо об, шир, қаймоқ ва (ё) шарбатҳо таъиншуда;

- қаймоқ (сметана) - маҳсулоти чурғотӣ, ки бо роҳи туршкунонии қаймоқ бо илова ва бе илова намудани маҳсулоти ширӣ бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (лактококкҳо ва (ё) стрептококкҳои термофилии чурғотӣ), ки дар онҳо ҳиссаи вазни равғаннокии шир на камтар аз 10 фоизро ташкил медиҳад, истеҳсол шудаанд;

- қисмҳои таркибии шир - моддаҳои хушк (равғани шир, сафедаи шир, қанди шир (лактоза), ферментҳо, витаминҳо, моддаҳои маъданӣ), об;

- омехтаҳои хушки чурғотӣ барои ғизои кӯдакони хурдсолмаҳсулоти ширӣ барои ғизои кудакони хурдсол, ки мутобиқи технологияи истеҳсоли маҳсулоти чурғотӣ, ки ба паст намудани нишондиҳандаи туршнокии фаъол (pH) ва дурдабандии сафедаҳои шир бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (бе истифодаи кислотаҳои органикӣ), бо иловакунии минбаъда ё бе иловакунӣ дар омехтаи хушк микроорганизмҳои зиндаи туршкунанда ба миқдоре, ки дар замимаи 1 регламенти техники мазкур муқаррар шудааст;

- нӯшокиҳои хушки ширӣ барои ғизои кӯдакони хурдсолмаҳсулоти ширӣ барои ғизои кӯдакони хурдсол, ки аз шири гов ва (ё) маҳсулоти ширӣ бо илова ё бе илова намудани компонентҳои ғайриширӣ бо ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ дар маҳсулоти таёр ба ҳадди на камтар аз 15 фоиз ва ҷавобгуй ба талаботи физиологии кӯдакони хурдсол;

- шири хушки беравғанкунонидашуда - маҳсулоти хушки ширӣ, ки дар онҳо ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 95 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи ширӣ дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи ширӣ- на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғаннокии шир -зиёда аз 1,5 фоизро ташкил медиҳад;

- шири хушки холис - маҳсулоти хушки ширӣ, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 95 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи шир дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи шир - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир -на камтар аз 26 фоиз ва на зиёда аз 42 фоизро ташкил медиҳанд;

- боқимондаи хушки ширӣ - қисми таркибии шир, ба истисноӣ об;

- боқимондаи хушки беравғанкунонидашудаи ширӣ - қисми таркибии шир, ба истисноӣ равғани шир ва об;

- зардоби ширии хушк - маҳсулоти хушки ширӣ, ки бо роҳи қисман ҷудо намудани об аз зардоби шир, ки дар ҳолати тайёр намудани панир ба таври дурдабандии сафедаҳо дар зери таъсири доруҳои ферментии тағйирдиҳандаи шир ва ҳамчунин дар ҳолати тайёр намудани панир, казеин ва фалла ба таври дурдабандии сафедаҳо дар натиҷаи пайдо шудани кислотаҳои ширӣ ё усулҳои ҳароратию кислотагӣ, то расидани ҳиссаи вазни модаҳои хушк ба ҳадди на камтар аз 95 фоиз истеҳсол шудаанд;

- сафедаи зардобӣ - сафедаи шир ки дар зардоби шир баъд аз тагшин шудани казеин боқӣ мемонад;

- панир, панири гудохташуда, маҳсулоти панирӣ, маҳсулоти панирии гудохташудаи дуддодашуда - панир, панири гудохташуда, маҳсулоти панирӣ, маҳсулоти панирии гудохташуда, ки дуд дода шудаанд ва аз рӯи хосиятҳои органолептикии махсус ба маҳсулоти хуроквории дуддодашуда монанданд;

- панир, маҳсулоти панирии мулоим, нимсахт, сахт, сахтар - панир, маҳсулоти панирии дорои хусусиятҳои хоси органолептикӣ ва физикӣкимиёвӣ, ки дар замимаҳои регламенти техникии мазкур ба танзим дароварда шудаанд;

- панир, маҳсулоти панирии намаккардашуда - панир, маҳсулоти панирӣ, ки дар маҳлули намак хобонида ва (ё) нигоҳдошта шудаанд;

- панир, маҳсулоти панирӣ бо мағор -панир, маҳсулоти панирӣ, ки бо истифодаи занбуруғҳои мағории дар дохил ва (ё) дар сатҳи болоии панири тайёр, маҳсулоти панирӣ ҷойгир буда истеҳсол карда шудааст;

- панир - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби ширӣ, ки аз шир, маҳсулоти ширӣ ва (ё) маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ бо истифода ё бе истифода намудани туршкунандаҳои махсус, технологияҳо, ки дурдабандии сафедаи ширро бо ёрии ферментҳои дурдабандӣ ё кислотаҳо, ё усулҳои ҳароратию кислотагӣ бо ҷудокунии минбаъдаи вазни панир аз зардоб, ба қолаб дарории он сахткунии он бо роҳи намаккунӣ ё бенамаккунӣ, пухтан ё напухтан, бо илова ё бе илова намудани компонентҳои ғайриширии на бо мақсади иваз намудани қисмҳои таркибии шир дохилшуда, таъмин менамояд, истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти панирӣ - маҳсулоти таркибашон ширдор, ки мутобиқи технологияи истеҳсоли панир истеҳсол шудаанд;

- шири хом - шире, ки коркарди ҳароратиро дар ҳарорати зиёда аз 40 °C ё коркардеро, ки дар натиҷаи он қисми таркибии он тағйир меёбад, нагузаштаанд;

- шири хоми беравғанкардашуда - шири беравғанкардашуда, ки коркарди ҳароратиро дар ҳарорати зиёда аз 45 °C нагузаштааст ва дар натиҷаи ҷудонамудаи равғани шир аз шир ҳосил шудаанд;

- панири қандин - маҳсулоти фаллагии ба қолаб дароварда шудааст, бо қиёми қандӣ аз маҳсулоти хӯрокворӣ пӯшонида шудааст ё бо ин қиёми қандӣ пӯшонида нашудааст, бо вазни на зиёда аз 150 г;

- қаймоқи хом - қаймоқе, ки коркарди ҳароратиро дар ҳарорати зиёда аз 45 °C нагузаштааст;

- фалла - маҳсулоти чурғотӣ, ки бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (лактококкҳо ё омехтаи лактококкҳо ва усулҳои дурдабандии кислотавии сафедаи шир бо ҷудокунии минбаъдаи зардоб бо роҳи худфишорӣ ва (ё) исканҷакунӣ ва ё ҷудокунии шир (таҷзиякунонӣ) ва (ё) ултраполоиш бо илова ё бе илова намудани қисмҳои таркибии шир (то ва баъди туршкунонӣ) бо мақсади муътадилкунонии маҳсулоти ширӣ истеҳсол шудаанд;

- хамираи фаллагӣ - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби шир, ки аз фалла бо илова ё бе илова намудани равғани қаймоқӣ, қаймоқ, шири ғализкардашуда бо қанд, қандҳо ва (ё) намакҳо бо илова ё бе илова намудани компонентҳои ғайриширии на бо мақсади иваз намудани қисмҳои таркибии шир дохилнамуда, истеҳсол шудаанд;

- маҳсулоти фаллагӣ - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби шир, ё маҳсулоти таркибашон ширдор, ки аз фалла ва (ё) маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ мутобиқи технологияи истеҳсоли фалла бо илова ё бе илова намудани маҳсулоти ширӣ, компонентҳои ғайриширӣ, аз он ҷумла равғанҳои ғайриширӣ ва (ё) сафедаҳои ғайриширӣ (барои маҳсулоти таркибашон ширдор) бо коркарди ҳароратии минбаъда ё бе он истеҳсол шудаанд;

- панири қандини фаллагӣ - маҳсулоти ширӣ ё маҳсулот бо таркиби шир аз хамираи фалла истеҳсолшуда, ки ба қолаб даровarda шудааст, бо қиёми қандӣ аз маҳсулоти хӯрокворӣ пӯшонида шудааст ё бо ин қиёми қандӣ пӯшонида нашудааст, бо вазни на зиёда аз 150 г;

- равғани обкардашуда - равған аз шири гов, ки дар он ҳиссаи вазни равғаннокӣ на камтар аз 99 фоизро ташкил дода, аз равғани қаймоқ бо роҳи об кардани ҳолатҳои равғанӣ истеҳсол шудаанд ва дорои хусусиятҳои махсуси органолептикӣ мебошанд;

- шири ҷӯшонидашуда - маҳсулоти хом ё шири нӯшокӣ, ки коркарди ҳароратиро дар ҳарорати аз 85°С то 99°С бо нигоҳ доштани на камтар аз 3 соат, то ба даст овардани хусусиятҳои махсуси органолептикӣ гузаштааст;

- доруҳои ферментӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ - моддаҳои сафедавие, ки барои амалӣ намудани равандҳои биокимиёвии дар истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ гузаранда, зарур мебошанд;

- компонентҳои ба таври функсионалӣ зарурӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ - туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, занбурӯғҳои кефирӣ, микроорганизмҳои пробиотикӣ (пробиотикҳо), пребиотикҳо, доруҳои ферментӣ, ки дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ дохил карда мешаванд ва бе онҳо истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ имконият надорад;

- шири хушки қисман беравғанкунонидашуда - маҳсулоти хушки ширӣ, ки дар он ҳиссаи вазни моддаҳои хушки ширӣ на камтар аз 95 фоиз, ҳиссаи вазни сафедаи шир дар моддаҳои хушки беравғанкунонидашудаи шир - на камтар аз 34 фоиз ва ҳиссаи вазни равғани шир - зиёда аз 1,5 фоиз, вале на камтар аз 26 фоизро ташкил медиҳанд;

- чакка - маҳсулоти миллии ҷурғотӣ, ки бо истифодаи бактерияҳои туршкунандаи ба стрептококкҳои термофилӣ ва чӯбчаҳои атсидофилӣ пайвастнабуда истеҳсол шудаанд;

- дӯғоб - маҳсулоти миллии ҷурғотӣ, ки аз шири гов бо илова намудани туршкунандаҳои чӯбчаҳои атсидофилӣ истеҳсол шудаанд;

- дӯғи тоҷикӣ - нӯшокии миллии ҷурғотӣ, ки аз шири гов бо истифодаи микроорганизмҳои туршкунанда (стрептококкҳои термофилии ҷурғотӣ, чӯбчаҳои булғории ҷурғотӣ) бо илова намудани намаки ошӣ истеҳсол шудаанд;

- қаймоқ - маҳсулоти ширии миллӣ, ки аз шири табиӣ ва баландсифати гов бо роҳи пастеризатсия ва гомогенизатсия истеҳсол шудаанд;

- ҷурғот - маҳсулоти миллии ҷурғотӣ, ки бо истифодаи микрорганизмҳои туршкунандаи ҷурғотӣ истеҳсол шудаанд;

## 4. Ҳаммонандкунии (идентификатсияи) шир ва маҳсулоти ширӣ

7. Ҳаммонандкунии (идентификатсияи) шир ва маҳсулоти ширӣ тибқи қоидаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- бо мақсади мансуб (марбут) намудани шир ва маҳсулоти ширӣ ба объектҳои бамеъёрдарории техникӣ, ки нисбати онҳо Регламенти техникии мазкур қабул карда мешавад, ҳаммонандкунии шир ва маҳсулоти ширӣ аз тарафи дархостдиҳанда, мақомоти назорати (санҷиши) давлатӣ, мақомоти амаликунандаи назорати гумрукӣ, мақомот оид ба баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқат ва ҳамчунин дигар шахсони манфиатдор, бе гузаронидани ташхис (санҷиш) тибқи номгӯй бо роҳи муқаррар намудани мутобиқати номгӯйи шир ва маҳсулоти ширие, ки дар таркиби тамғагузорӣ ё ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол нишон дода шудаанд, бо номгӯйи шир ва маҳсулоти ширии дар қисми 3 Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои шир ва маҳсулоти ширӣ татбиқ карда мешавад, амалӣ карда мешавад;

- дар ҳолате ки агар шир ва маҳсулоти шириро аз рӯи номгӯй имконияти ҳаммонандкунӣ мавҷуд набошад, шир ва маҳсулоти шириро бо усули муоинаи зоҳирӣ бо роҳи муқоиса намудани намуди зоҳирии шир ва маҳсулоти ширӣ бо аломатҳое, ки барои муайян намудани ин маҳсулот дар Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои шир ва маҳсулоти ширӣ татбиқ карда мешавад, дарҷ гардидаанд, ҳаммонанд мекунанд;

- бо мақсади муқаррар намудани мутобиқати шир ва маҳсулоти ширӣ ба номгӯи худ ҳаммонандсозии шир ва маҳсулоти ширӣ бо роҳи муқоиса намудани намуди зоҳирӣ ва нишондиҳандаҳои органолептикӣ бо аломатҳои дар замимаи № 1 Регламенти техникии мазкур муқарраргардида ё бо стандартҳо муайянгардида, ки дар натиҷаи ба таври ихтиёрӣ истифода намуданашон риояи талаботи Регламенти техникии мазкур, ки феҳристи стандартҳои бо мақсади баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқат ба регламенти техникии мазкур истифодашаванда муқаррар намудаанд ё

бо ҳуҷҷатҳои техникии муайянкунандаи аломат, ки мутобиқи онҳо шир ва маҳсулоти ширӣ тайёр карда шудаанд, амалӣ карда мешавад;

- дар ҳолате ки агар шир ва маҳсулоти шириро аз рӯи номгӯй, усули муоинаи зоҳирӣ ва органолептикӣ имконияти ҳаммонандкунӣ мавҷуд набошад, ҳаммонандкунӣ бо усули аналитикӣ - бо роҳи санҷиши мутобиқати нишондиҳандаҳои физикӣ-кимиёвӣ ва (ё) нишондиҳандаҳои микробиологии шир ва маҳсулоти ширӣ бо аломатҳое, ки дар Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва бо ҳуҷҷатҳои техникии муайян, ки мутобиқи онҳо шир ва маҳсулоти ширӣ тайёр карда шудаанд ва ҳамчунин дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои шир ва маҳсулоти ширӣ татбиқ карда мешавад, амалӣ карда мешавад

## 5. Қоидаҳои муомилоти шир ва маҳсулоти ширӣ дар бозор

8. Шир ва маҳсулоти ширӣ дар ҳолати мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин талаботи дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешаванд.

9. Шир ва маҳсулоти ширӣ, ки ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин талаботи дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, ҷавобгӯ бошанд, расмиёти баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқатро гузаштаанд, бояд дорои тамғагузорӣ бо нишони ягонаи мутобиқат ба регламентҳои техникиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд;

10. Дар ҳолати аз тарафи шахсони воқеӣ ба фурӯш баровардани шир ва маҳсулоти ширии истеҳсоли ғайрисаноатӣ, аз ҷумла дар бозорҳои хоҷагии қишлоқ, расонидани маълумот ба истеъмолкунандагон бо ҳама гуна усулҳои мусоид дар бораи бехатарии вобаста ба байторию санитарӣ, оид ба номгӯи онҳо, суроға, ҷойи истеҳсол, санаи истеҳсол ҳатмӣ мебошад;

11. Дар ҳолати ба фурӯш баровардани шири хом дар бозорҳои хоҷагии қишлоқ аз зарфҳои махсусгардонидашудаи воситаҳои нақлиёт ё дигар зарфҳо, ки аз маводҳои ба маҳсулоти хӯрокворӣ муносибатдошта омода шудаанд, дар зарфи истеъмолкунанда фурӯшандаҳо (шахсони ҳуқуқию воқеӣ, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд) ӯҳдадоранд, ба истеъмолкунандагон ҳуҷҷатҳои дахлдор дар бораи экспертизаҳои байторӣ-санитарӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд ва ҳамчунин дар бораи зарурияти ҷӯшонидани ҳатмии шири хом ба истеъмолкунандагон маълумот диҳанд;

12. Дар ҳолати ворид намудани шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом ба нуқтаҳои қабули шир ё ба корхонаҳои аз нав коркардкунандаи шир фурӯшандаҳо (шахсони ҳуқуқию воқеӣ, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд) ӯҳдадоранд, ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии байториро, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда, бехатарии шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хомро тасдиқ менамоянд, пешниҳод намоянд;

13. Интиқол додани шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии байторӣ, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда, дорои маълумот дар бораи гузаронидани экспертизаҳои байторӣ-санитарии тасдиқкунандаи бехатарии онҳо мебошанд, ба роҳ монда мешавад;

14. Мӯҳлати амали ҳуҷҷати ҳамроҳии байторӣ вобаста аз натиҷаҳои гузаронидани чорабиниҳои байторӣ-профилактикӣ нисбати ҳайвоноти маҳсулдиҳандаи хоҷагии қишлоқ, аз рӯи ҷойи истеҳсоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом муқаррар карда мешавад, вале на зиёда аз 1 моҳ аз санаи додани ин ҳуҷҷат;

15. Ҳар як миқдори муайяни (партияи) шир ва маҳсулоти ширӣ, зери назорати санҷиши (назорати) байторӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мавҷуд будани сертификати байторӣ, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдори кишвари ирсолкунанда дода шудааст, ворид карда мешавад.

## 6. Талаботи бехатарӣ ба шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом

16. Барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ истифодаи шири хом, ки дар муддати 7 рӯзи аввал баъд аз рӯзи зоиши ҳайвонот, дар муддати 5 рӯз то рӯзи сар додани онҳо (пеш аз зоиш), аз ҳайвоноти касалӣ ва дар карантин воқеъбуда гирифта шудааст, иҷозат дода намешавад.

17. Ҳиссаи вазни моддаҳои беравғанкунонидашуда дар шири хоми гов бояд на камтар аз 8,2 фоизро ташкил диҳад.

18. Сатҳи мавҷудияти моддаҳои хатарнокиашон имконпазир дар шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом набояд аз сатҳи иҷозатдодашудае, ки дар замимаҳои 1-2 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" ва замимаи 1 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, зиёд бошад.

19. Сатҳи мавҷудияти микроорганизмҳо ва ҳуҷайраҳои соматикӣ дар шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом набояд аз сатҳи иҷозатдодашудае, ки дар замимаи 2 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, зиёд бошад.

20. Нишондиҳандаҳои ҳаммонандкунии шири хоми говӣ, шири хоми дигар ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ ва қаймоқҳои хом аз шири гов дар замимаи 2 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд.

## 7. Талаботи бехатарӣ дар ҳолати истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва истифодаи партовҳои шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом

21. Равандҳое, ки дар ҳолати истеҳсоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом истифода мешаванд, аз ҷумла, шароити мавҷудият, хӯрокдиҳӣ, ҷӯшидани ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ, шароити ҷамъкунӣ, хунуккунӣ ва нигоҳдории шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом бояд мутобиқ ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин талаботи дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, таъмин намояд.

22. Шири хом баъд аз ҷӯшидани ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ бояд тоза карда шавад ва то ҳарорати 4 °С + 2 °С дар муддати на зиёда аз 2 соат хунук карда шавад.

23. То оғози аз нав коркардшавии саноатӣ нигоҳдории шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом (бо ҳисоби давраи нигоҳдории шири хом, ки барои ҷудокунии шир истифода мешавад) дар ҳарорати 4 °С + 2 °С, қаймоқҳои хом - дар ҳарорати на зиёда аз 8 °Сбо вақти на зиёда аз 36 соат (бо ҳисоби вақти интиқол) иҷозат дода мешавад.

24. То оғози аз нав коркардшавии саноатӣ нигоҳдории шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда (бо ҳисоби давраи нигоҳдории шири хом, ки барои ҷудокунии шир истифода мешавад), қаймоқҳои хом, ки барои ғизои кӯдакони хурдсол таъин шудаанд, дар ҳарорати 4 °С + 2 °С, на зиёда аз 24 соат (бо ҳисоби вақти интиқол) иҷозат дода мешавад.

25. Коркарди ҳароратии пешакии шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом, аз он ҷумла пастеризатсия, дар ҳолатҳои зерин ба истеҳсолкунанда иҷозат дода мешавад:

- туршнокии шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда аз 19 Т то 21 Т, туршнокии қаймоқҳои хом аз 17 Т то 19 Т;

- нигоҳдории шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом зиёда аз 6 соат бе хунуккунӣ;

- интиқоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом, ки давомнокиаш давраи иҷозатдодашудаи нигоҳдориро ба ҳадди зиёда аз 25 фоиз зиёд менамояд;

- мавҷудияти амрияи дахлдори мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи санҷиши (назорати) байторӣ.

26. Дар ҳолати коркарди ҳароратии пешакии шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом, аз ҷумла пастеризатсия, реҷаҳои коркарди ҳароратӣ (ҳарорат, давраи гузаронидан) дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом нишон дода мешавад.

27. Молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ дар ҳолати истеҳсоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом бояд таҷҳизот ва маводҳоеро истифода баранд, ки ба талаботи пешбинишуда ба бехатарии маводҳои бо маҳсулоти хӯрокворӣ муносибатдошта, ҷавобгӯй бошанд.

28. Дар вақти интиқоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хоми хуноккардашуда ба макони аз нав коркардкунӣ, дар лаҳзаи оғози аз нав коркард намудан ҳарорати онҳо набояд аз 10 °С зиёд шавад.

29. Қабули шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом, ки ба талаботи муқаррарнамудаи банди мазкур ба ҳарорати онҳо ҷавобгӯй намебошанд, бо шарти аз тарафи истеҳсолкунандаи маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ фавран аз нав коркардкунии онҳо иҷозат дода мешавад;

30. Интиқоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом дар зарфҳои тамғазадашуда бо сарпӯшҳои ба таври мустаҳкам пӯшидашаванда, ки аз маводҳои ба талаботи пешбинишуда ба бехатарии маводҳои бо маҳсулоти хӯрокворӣ муносибатдошта, ҷавобгӯйбуда сохта шуда бошанд. Воситаҳои нақлиёт бояд нигоҳдории ҳароратеро, ки дар бандҳои 22-23 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, таъмин намоянд.

31. Нигоҳдории шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом, ки коркарди пешакии ҳароратиро гузаштаанд, аз ҷумла пастеризатсия шудаанд, аз тарафи истеҳсолкунандаи маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ то оғози аз нав коркардкунӣ дар зарфҳои алоҳидаи тамғагузоришуда дар ҳарорати 4 °С + 2 °С амалӣ карда мешавад.

32. Равандҳои ба фурӯш баровардани шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқҳои хом, ки коркарди пешакии ҳароратиро гузаштаанд, аз ҷумла пастеризатсия шудаанд, бояд ба талаботе, ки дар боби 10 Регламенти техникии мазкур ва талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" муқаррар шудаанд, мутобиқат намоянд.

33. Равандҳои истифодаи партовҳои шири хом, шири хоми беравғанкардашуда, қаймоқҳои хом ва ҳамчунин пешакӣ коркарди ҳароратиро гузашта, аз ҷумла пастеризатсияшуда бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" мутобиқат намоянд.

## 8. Талаботи бехатарӣ ба маҳсулоти ширӣ

34. Маҳсулоти ширии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муомилотбуда, дар давоми мӯҳлати муқарраршудаи истеъмолӣ, дар ҳолати истифода аз рӯи таъинот, бояд бехатар бошанд.

35.Маҳсулоти ширӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

36. Истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд аз шири хом ва (ё) шири хоми беравғанкунонидашуда ва (ё) қаймоқҳои хом, ки ба талаботи бехатарии муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур ҷавобгӯй мебошанд ва аз коркарди ҳароратӣ гузашта, таъминкунандаи истеҳсоли маҳсулоти ширии ба талаботи Регламентии техникии мазкур ҷавобгӯй мебошанд, амалӣ карда шавад.

37. Дигар маҳсулоти хоми хӯрокворие, ки барои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода мешаванд, бояд ба талаботи Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

38. Сатҳи мавҷудияти унсурҳои заҳрнок, моддаҳои дорои эҳтимолияти хатар, микотоксинҳо, антибиотикҳо, пестисидҳо, радионуклидҳо, микроорганизмҳо ва муҳимияти нишондиҳандаҳои вайроншавии оксидӣ дар маҳсулоти ширӣ, ки барои муомилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, набояд аз сатҳҳои дар замимаи 1-2 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" ва замимаи 1 Регламенти техникии мазкур муқарраршуда, баланд бошад.

39. Сатҳи мавҷудияти микроорганизмҳо дар маҳсулоти ширӣ, набояд аз сатҳҳои иҷозатдодашуда, ки дар замимаи 2 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, баланд бошад.

40. Истеҳсоли маҳсулоти ғизои парҳезӣ ва маҳсулоти чурғотӣ (ғайр аз маҳсулоти ширии таркибӣ) бояд бе истифодаи иловагиҳои ғизоӣ ва хушбӯйкунандаҳо, ба истисноИ компонентҳои хосиятҳои махсусдоштаи зарурӣ, амалӣ карда мешавад.

41. Истеҳсоли хамираи фаллагӣ ва фаллаи дона-дона бояд бе коркарди ҳароратии маҳсулоти тайёр ва илова намудани устуворкунандаҳои консистенсӣ ва консервантҳо амалӣ карда шавад.

42. Нишондиҳандаҳои органолептикии ҳаммонандкунии маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ дар замимаи 1 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд.

43. Нишондиҳандаҳои физикӣ-кимиёвӣ ва микробиологии ҳаммонандкунии маҳсулоти ширӣ дар замимаи 1 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд.

## 9. Талаботи бехатарӣ ба компонентҳои функсионалие, ки барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардашудаи ширӣ заруранд

44. Микроорганизмҳо, аз ҷумла пробиотикӣ, ки дар монобактерияҳо ё дар таркиби туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ истифода мешаванд, бояд ҳаммонандшуда, ғайрикасалиовар ва ғайризаҳровар бошанд ва бояд дорои хосиятҳои барои истеҳсоли маҳсулоти нишондодашудаи ба талаботи Регламенти техникии мазкур ҷавобгӯй зарурӣ, бошанд.

45. Доруҳои ферментӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ бояд дорои фаъолнокӣ ва хусусиятҳое, ки барои раванди технологии мушаххас заруранд, бошад ва ба талаботи муқаррарнамудаи Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои доруҳои ферментӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ татбиқ карда мешаванд, мутобиқ бошанд.

46. Сатҳи бехатарии микробиологии туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, доруҳои ферментӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, муҳити мусоид барои паҳн намудани микроорганизмҳои туршкунанда ва пробиотикӣ набояд сатҳи иҷозатдодашудеро, ки дар замимаи 2 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, баланд намоянд.

47. Дигар нишондиҳандаҳои бехатарии туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, микроорганизмҳои пробиотикӣ, пребиотикҳо, доруҳои ферментӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ ва муҳити мусоид барои тайёр намудани туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин талаботи дар замимаи 2 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" муқарраршуда, мутобиқат намоянд.

48. Истеҳсолкунандаи туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, доруҳои ферментӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ ва дигар компонентҳои функсионалии зарурӣ дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ мутобиқати онро ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин менамоянд.

49. Истеҳсолкунандаи маҳсулоти ширӣ бояд бехатарии туршкунандаи истеҳсолшаванда ва раванди истеҳсоли онро ва ҳамчунин мутобиқати онро ба талаботи ҳуҷҷатҳо (стандарт ё ҳуҷҷатҳои техникии истеҳсолкунанда, ки мутобиқи онҳо маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ истеҳсол мешавад) таъмин намояд.

50. Туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ бояд бевосита баъд аз кушодани борҷомаи вайроннашуда истифода шаванд. Нигоҳдории борҷомаҳои кушодашуда ва истифодаи борҷомаҳои вайроншудаи туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ иҷозат дода намешавад.

51. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ истифодаи доруҳои ферментии лахтакунандаи шир барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ ва туршкунандаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки бо истифодаи организмҳои ба тарви генетикӣ тағйирдодашуда ҳосил шудаанд, иҷозат дода намешаванд.

## 10. Талабот ба таъмини бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ дар раванди истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва истифодаи партовҳои он

52. Равандҳои технологие, ки дар вақти истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода мешаванд, бояд истеҳсоли маҳсулоти мутобиқ ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, таъмин намоянд.

53. Маводҳое, ки бо шир ва маҳсулоти ширӣ дар раванди истеҳсол муносибат доранд, бояд ба талаботи пешбинишуда ба бехатарии маводҳои бо маҳсулоти хӯрокворӣ муносибатдошта, мутобиқат намоянд.

54. Дар ҳамаи давраҳои раванди истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ бояд назорати пайдарпайи онҳо таъмин карда шавад.

55. Объектҳои истеҳсолие, ки дар онҳо раванди истеҳсоли шири хом, шири хоми беравғанкардашуда, қаймоқҳои хом ва (ё) аз нав коркард намудани (коркарди) онҳо ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ амалӣ карда мешавад, мутобиқи талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" ба аттестатсияи байторию санитарии шароити истеҳсолот мансубанд.

56. Ташкили биноҳои истеҳсолӣ, ки дар онҳо раванди истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ амалӣ карда мешавад, таҷҳизот ва асбобҳое, ки дар раванди истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ истифода мешаванд, шароити нигоҳдорӣ ва ҷудо намудани пасмондаҳои истеҳсолии шир ва маҳсулоти ширӣ, ҳамчунин оби дар раванди истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ истифодашаванда бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" мутобиқат намоянд.

57. Истеҳсоли маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои шириии аввалия ё минбаъда, омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои шириии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои шириии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол дар объектҳои истеҳсолии махсусгардонидашуда, ё дар сехҳои махсусгардонидашуда, ё ин ки дар хатҳои технологии махсусгардонидашуда амалӣ карда мешаванд.

58. Истеҳсолкунандагон, фурӯшандагон ва шахсоне, ки вазифаҳои истеҳсолкунандаи шир ва маҳсулоти шириро дар хориҷ иҷро менамоянд, бояд равандҳои нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯшро тавре амалӣ намоянд, ки шир ва маҳсулоти ширӣ ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои он татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

59. Равандҳои нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва истифодаи партовҳои шир ва маҳсулоти ширӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" мутобиқат намоянд.

## 11. Талаботи бехатарӣ ба маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаи шириии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои шириии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои шириии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшоки барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол

60. Маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои шириии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои шириии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои шириии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин талаботе, ки дар моддаи 7 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" муқаррар шудаанд мутобиқат намоянд ва бояд барои саломатии кӯдакон безарар бошанд.

61. Сатҳи иҷозатдодашудаи вайронкунандаҳои туршӣ ва мавҷудияти моддаҳо бо эҳтимолияти хатарнокӣ дар маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои шириии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои шириии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои шириии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол дар замимаи 3 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд.

62. Сатҳи иҷозатдодашудаи микроорганизмҳо дар маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои шириии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои шириии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои шириии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол, аз ҷумла маҳсулоти дар ошхонаҳои ширпазӣ омодашуда дар замимаи 1 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд.

63. Миқдори микроорганизмҳои компонентҳои зарурии функсионалӣ дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки ҳангоми истеҳсоли омехтаҳои хушки ҷурғотӣ барои ғизои кӯдакон, ба омехтаҳои хушк илова карда мешаванд, дар замимаи 1 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд.

64. Нишондиҳандаҳои бехатарӣ дар маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои шириии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои шириии барои истеъмол

тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол, бояд ба талаботе, ки дар замимаи 1 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, мутобиқат намоянд.

65. Сатҳи иҷозатдодашудаи вайронкунандаҳои туршӣ ва мавҷудияти моддаҳо бо эҳтимолияти хатарнокӣ дар маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти аз шир таркибёфта барои ғизои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ дар замимаи 3 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд,

66. Сатҳи иҷозатдодашудаи микроорганизмҳо дар маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти аз шир таркибёфта барои ғизои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ дар замимаи 3 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд,

67. Нишондиҳандаҳои физикӣ-кимиёвии ҳаммонандкунии маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол, дар замимаи 3 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд,

68. Нишондиҳандаҳои физикӣ-кимиёвии ҳаммонандкунии маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои ғизои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ дар замимаи 4 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд,

69. Нишондиҳандаҳои арзиши ғизоии маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол, бояд ба талаботе, ки дар замимаҳои 3 ва 4 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳолати функсионалии организми кӯдак бо ҳисоби синни вай, мутобиқат намоянд.

70. Дар ҳолати истеҳсоли омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъдаи мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда (ивазкунандаҳои шири модар) ва омехтаҳои ширии минбаъда бо мақсади ҳадди ақал наздик намудани таркиби омехтаҳои дахлдор ба таркиби шири модар, ба таркиби онҳо дохил намудани L-аминокислотаҳо, таурин, нуклеотидҳо, микроорганизмҳои пробиотикӣ ва пребиотикҳо, равғани моҳӣ ва дигар консентратҳои нимғализнашудаи кислотаҳои чарбуӣ иҷозат дода мешавад.

71. Намунаи витаминҳо ва моддаҳои маъдание, ки дар ҳолати истеҳсоли маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, пурра ё қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол истифода мешаванд, дар Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" муқаррар шудаанд.

72. Сатҳи мавҷудияти микронутриентҳо дар омехтаҳои ширии моеъ, омехтаҳои ширии хушк барои ғизои кӯдакони хурдсол, бояд ба сатҳҳои иҷозатдодашудае, ки дар замимаи 4 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, мутобиқат намоянд.

73. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда, омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол, истифодаи иловагиҳои ғизоӣ, ки номгӯяшон дар замимаи 4 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, иҷозат дода мешавад.

74. Компонентҳои ғайриширӣ, ки дар ҳолати истеҳсоли маҳсулот барои ғизои кӯдакон бо асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда, омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол истифода мешаванд, бояд ба талаботи Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

## 12. Талабот ба борҷомакунии маҳсулоти ширӣ

75. Маҳсулоти ширии барои фурӯш пешбинишуда, бояд дар борҷомае ҷойгир карда шаванд, ки ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалаш барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намояд, ҳамчунин бехатарӣ ва нигоҳдории хусусиятҳои истеъмолии шир ва маҳсулоти шириро ба талаботи Регламенти техникии мазкур дар давраи муҳлати истеъмолии онҳо таъмин намояд.

76. Маводҳои бо шир ва маҳсулоти ширӣ муносибатдошта бояд бехатарии онҳо ва тағйирнопазирии аломатҳои ҳаммонандкуниро дар ҳолати гардиш (муомилот) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми муҳлати истеъмолӣ таъмин намоянд.

77. Маҳсулот барои ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони хурдсол, мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда (аз он ҷумла хушк), омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширӣ (аз он ҷумла хушк) барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол бояд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба таври пешакӣ баркашшудаю дар зарф

ҷойгиркардашуда ва борҷомашуда дар борҷомаҳои ҳавоногузари хурдшакли алоҳида, ки ҳаҷми (ё вазни) минбаъдаро зиёд намекунанд, ба муомилот бароварда шаванд.

а) 1кг- маҳсулоти хушк (мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда, омехтаҳои хушки ҷурғотӣ, маҳсулоти ғизоӣ барои ҷалбкунии хӯрокхӯрӣ дар асоси ширӣ, маҳсулоти фавран тайёршаванда, шӯлаҳои ширии хушк (то тайёршавӣ дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда);

б) 0,2 л-моеъ (мувофиққунонидашуда ва қисман мувофиққунонидашуда бо омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъда);

в) 0,25 л (кг) - шири нӯшокӣ, қаймоқи нӯшокӣ, маҳсулоти ҷурғотӣ;

г) 0,1кг - маҳсулоти хамирамонанди ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ.

78. Маҳсулоти ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ бояд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба таври пешакӣ баркашшудаю дар зарф ҷойгиркардашуда ва борҷомашуда дар борҷомаҳои ҳавоногузар ба муомилот бароварда шаванд. Маҳсулоти моеъи ғизои кӯдакон дар асоси ширӣ барои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ бояд дар борҷома бо ҳаҷми на зиёда аз 2 литр, маҳсулоти хамирамонанди ғизои кӯдакон - бо ҳаҷми на зиёда аз 0,2 кг (барои истеъмоли ҳиссавии бевосита дар ғизо) ба муомилот бароварда шавад.

79. Дар ҳолати ба фурӯш баровардани маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширии печониданашуда ва борҷоманагардида, истифодаи борҷомаҳои истеъмолкунанда (харидор), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар банди 10 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, иҷозат дода намешавад.

80. Маҳсулоти ширии тайёршаванда (буридашаванда) аз тарафи истеҳсолкунанда ё фурӯшанда дар шароите, ки мутобиқати ин маҳсулотро ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин менамояд, борҷома карда мешаванд.

81. Ҳар як борҷомаи маҳсулоти ширӣ бояд тавре тамғагузорӣ шуда бошад, ки мутобиқи боби 13 Регламенти техникии мазкур дорои маълумот барои истеъмолкунанда бошад.

## 13. Талабот ба тамғагузории шир ва маҳсулоти ширӣ

82. Шир ва маҳсулоти ширӣ бояд барои истеъмолкунанда бо маълумоте, ки ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тамғагузории маҳсулоти хӯроквори" ва ба онҳо мухолифат надошта ва ҳамчунин талаботи иловагии Регламенти техникии мазкур мутобиқатдошта фиристонида шаванд.

83. Дар ҳар як воҳиди гурӯҳӣ, сергардиш ё борҷомаҳои интиқолии шир ва маҳсулоти ширӣ, тамғаҳое гузошта мешаванд, ки дорои маълумоти зерин барои истеъмолкунандаанд:

- нишони молӣ (тамғаи тиҷоратӣ) (дар ҳолати мавҷудият);

- вазни холис (вазни ғайрихолис - бо пешбинии истеҳсолкунанда);

- рақами миқдори муайяни (партияҳои) шир ва маҳсулоти ширӣ;

- навиштаҷоти огоҳкунанда ё аломатҳо бо расм барои муомилот бо маҳсулот (масалан: "аз нурҳои офтоб эҳтиёт карда шавад", "маҳдудкунии ҳарорат", "аз намнокӣ эҳтиёт карда шавад", "бори зудвайроншаванда")интихобан мутобиқ бо реҷаи нигоҳдорӣ ва интиқоли шир ва маҳсулоти ширӣ гузошта мешавад;

- таркиби маҳсулот - барои шир ва маҳсулоти ширии бевосита пешакӣ дар борҷомаҳо ҷойкардашуда дар зарфи интиқолдиҳӣ;

- таъиноти стандарт ё ҳуҷҷатҳои техникии истеҳсолкунанда, ки мутобиқи онҳо маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ истеҳсол мешавадбарои шир ва маҳсулоти ширии бевосита пешакӣ дар зарфи интиқолдиҳӣ ҷойкардашуда (барои шир ва маҳсулоти ширии аз кишвари сеюм воридшаванда, нишон надодани ин иҷозат дода мешавад).

84. Барои бастани борҷомаҳои гурӯҳӣ ва интиқолии шир ва маҳсулоти ширӣ бо маводҳои полимерии шаффофи ҳифозатӣ, намондани тамғагузорӣ иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат маълумот барои истеъмолкунанда, тамғагузории зарфҳои истеъмолӣ ба ҳисоб меравад.

85. Номгӯи шир ва маҳсулоти ширӣ бояд ба мафҳумҳое, ки дар фасли 3 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, мутобиқат намояд. Номгӯи шир ва маҳсулоти ширӣ метавонад бо аломатҳои навъӣ (ассортиментӣ) ё номи фирмавии истеҳсолкунанда пурра карда шавад. Тартиби калимаҳо дар номгӯи шир ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ дар асоси мафҳумҳое, ки дар фасли 3 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, ба шакл даровarda мешавад.

86. Дар ҳолати ба шакл даровардани номгӯи шири барқароршуда, бевосита дар номгӯй, бо ҳарфҳои андозаашон якхела, нишон додани маҳсулоти хоми асосӣ, ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулот истифода мешаванд, талаб карда мешавад, масалан: "шири барқароршуда аз шири хушк", "шири барқароршуда аз шири консентронидашуда", "шири барқароршуда аз шири хушк ва шири ғализкардашуда".

87. Дар номгӯи равғани қаймоқӣ нишон надодани аломатҳои таснифотии ифодакунандаи хусусиятҳои технологияи он (ширинию қаймоқӣ, бенамак) дар ҳолате ки агар ҳангоми истеҳсоли он микроорганизмҳои туршкунанда ва намаки ошӣ истифода нашаванд, иҷозат дода мешавад.

88. Нишон додани намуди ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ (ба истиснои говҳое, ки аз онҳо шир ҳосил карда шудааст) бояд дар тамғакоғази борҷомаҳо пеш аз мафҳуми "шир" ё баъд аз ин мафҳум дарҷ карда шавад.

89. Мафҳуми ба усули коркарди ҳароратии шир ё маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ алоқамандбуда, дар тамғакоғази борҷомаҳо баъд аз мафҳуми "шир" ё номгӯи маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ нишон дода мешавад, масалан: "шири пастеризатсияшуда", "қаймоқи тамъизшуда".

90. Баъд аз номгӯи шир ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, дар як қатор бо нишон додани усулҳои коркарди ҳароратии онҳо ҷой додани дигар мафҳумҳои ба ин маҳсулот алоқаманд, ки усули истеҳсол, хосиятҳои таркиби маҳсулоти хом, истифодаи микроорганизмҳои туршкунандаро ифода мекунанд, мумкин аст, масалан: "маҳсулоти фаллагии коркарди ҳароратишудаи хушбӯйкардашуда (бо бӯи хуш)", "нӯшокии ҷурғотӣ", "қаймоқи аз нав омехташуда". Мафҳуми "муътадилкардашуда"-ро дар номгӯи шир ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, дар тамғакоғази борҷома нишон надодан мумкин аст.

91. Номгӯи маҳсулоти аз шир таркибёфта бояд аз мафҳумҳои барои маҳсулоти ширӣ муқарраршуда иборат бошанд ва маълумотро дар бораи мавҷудияти компонентҳои ғайриширии ба онҳо иловашуда пурра намоянд, масалан: "фалла бо порчаҳои мевагӣ", "кефири мевагӣ", "панири гудохташуда бо гӯшти дуддодашудаи хук".

92. Дар ҳолати ба шакл даровардани номгӯи маҳсулоти ҷурғотӣ, ки бо микроорганизмҳои пробиотикӣ ва (ё) пребиотикҳо серғизо шудаанд, истифодаи пешванди (префикси) "био" бо номгӯи маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ иҷозат дода мешавад, масалан: "биокефир", "биоряженка".

93. Мафҳуми "маҳсулот" дар номгӯи маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти аз шир таркибёфта, маҳсулоти таркибашон ширдор, мумкин аст бо истилоҳоти ифодакунандаи консистенсия ё шакли маҳсулот (полуда, фиринӣ, коктейл, крем, мусс, нӯшокӣ, хамира, тофта, қайла, торт ва ғ) иваз ё пурра карда шавад, масалан: "коктейли ширию шарбатӣ", "қайлаи сметанӣ", "фиринӣ", "фиринии фаллагӣ бо мағзҳо", "тофтаи панирӣ бо хушбӯйкунандаҳо".

94. Истифодаи мафҳуми вобаста ба маҳсулоти ҷурғотӣ (айрон, асидофилин, мост, йогурт, кефир, қимиз, маҳсулоти қимизӣ, ҷурғот, ҷурғоти мечниковӣ, ряженка, сметана, фалла, чакка, дуғоб, дуғи тоҷикӣ, қаймоқ) дар тамғагузории маҳсулоти таркибашон ширдор ё туршкунонии маҳсулот, ки мутобиқи технологияи истеҳсоли маҳсулоти ҷурғотии дахлдор истеҳсол шудаанд, иҷозат дода намешавад. Дар тамғагузории маҳсулоти таркибашон ширдор ё маҳсулоти туршкунонидашуда калимаи "ширдор" ё "туршкунонидашуда" бояд бо калимаҳое, ки хусусиятҳои технологии истеҳсоли ин маҳсулотро тавсиф медиҳанд иваз карда шаванд, масалан: "кефирӣ", "кефирии бо ҳарорат коркардшуда", "йогуртӣ", "йогуртии бо ҳарорат коркардшуда".

95. Дар маҳсулоти ҷурғотие, ки аз рӯи технологияи истеҳсоли кефир бо истифодаи туршкунандаҳои дар асоси микроорганизмҳои ҷурғотии микробҳои тоза ва як ё якчанд намудҳои хамирмояҳои ба таркиби микроорганизмҳои замбурӯғҳои кефирӣ дохилшаванда тайёр шудаанд, дар номгӯи онҳо мафҳуми "маҳсулоти кефирӣ" бо ҳарфҳои андозаашон якхела истифода карда мешаванд.

96. Истилоҳотеро, ки навъ ва намуди панирро тавсиф медиҳанд (сахт, нимсахт, мулоим, тоза (норасида), порчавӣ, хамирамонанд) дар якҷоягӣ бо номи панир истифода накардан мумкин аст.

97. Мафҳуми "серғизошуда", "серғизошаванда" дар якҷоягӣ бо номи маҳсулоти дахлдор истифода мешаванд ва дар тамғагузорӣ дар бораи мавҷудият ва миқдори моддаҳои ба ин маҳсулот иловашуда маълумотҳо ҳамроҳ карда мешаванд.

98. Дар ҳолате, ки агар маҳсулот аз рӯи нишондиҳандаҳои ҳаммонандкунӣ, ки регламенти техникии мазкур муқаррар намудааст, мутобиқат накунад, набояд дар номгӯи нишонаҳои ассортиментӣ ва дигар номгӯйҳои иловагии ширӣ ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ мафҳуме, ки дар қисми 3 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, истифода шаванд.

99. Ҳангоми тамғагузорӣ дар борҷомаҳои истеъмолии ширӣ ва маҳсулоти аз шир таркибёфта, қисман дарҷ намудани номи онҳо дар тарафи барои хондан мувофиқбудаи чунин борҷомаҳо дар ҳолате, ки агар номи пурраи чунин маҳсулот дар худи ҳамон борҷома дарҷ шуда бошад, иҷозат дода мешавад.

100. Ҳангоми тамғагузорӣ дар борҷомаи истеъмолии маҳсулоти таркибашон ширдор, қисман дарҷ намудани номи маҳсулоти таркибашон ширдор дар тарафи барои хондан мувофиқбудаи ин борҷома бо мақсади роҳ надодан ба иштибоҳи истеъмолкунанда иҷозат дода намешавад.

101. Маълумот дар бораи истифодаи ивазкунандаҳои равғани шир дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти таркибашон ширдор мутобиқ бо технологияҳое, ки иваз намудани равғани ширро бо ивазкунандаҳои он ба назар мегиранд (ба истиснои равғанҳои қаймоқӣ - растанигӣ), ба номгӯйи намуди маҳсулоти таркибашон ширдор дар тарафи берунии борҷомаҳои истеъмолӣ дохил карда мешавад (баъд аз номи маҳсулоти таркибашон ширдор ибораи зерин дарҷ мешавад: "бо ивазкунандаи равғани шир"), масалан "маҳсулоти сметанӣ бо ивазкунандаҳои равғани шир" "панири қандин бо ивазкунандаҳои равғани шир"

102. Барои маҳсулоти таркибашон ширдор (ғайр аз маҳсулоти туршкунонидашуда) истифодаи мафҳумҳое, ки Регламенти техникии мазкур барои шир, маҳсулоти ширӣ ва маҳсулоти аз шир таркибёфта муқаррар намудааст, аз он ҷумла калимаҳо ё қисми калимаҳое, ки ба таркиби ин мафҳум дохил мешаванд, ифодаҳои гуногуни онҳо дар номгӯйи нишони тиҷоратӣ (тамғаҳои тиҷоратӣ) ҳангоми тамғагузории маҳсулоти таркибашон

ширдор истифода мешаванд, дар тамғакоғазҳои онҳо бо мақсади тарғибот ва огоҳонидан, ки метавонад истеъмолкунандаро ба иштибоҳ баранд, иҷозат дода намешавад.

103. Барои маҳсулоти дуюмдараҷаи аз нав коркардшудаи ширӣ, ки дар раванди истеҳсоли маҳсулоти таркибашон ширдор гирифта шудаанд, номи "маҳсулоти зардобӣ" ва "маҳсулоти айронӣ" истифода мешаванд.

104. Истифодаи мафҳуми "равған", аз он ҷумла дар номи нишони молӣ (тамғаҳои тиҷоратӣ) дар ҳолати тамғагузорӣ, дар тамғакоғази хамираи равғанӣ ва равғанҳои қаймоқӣ - растанигӣ бо мақсади тарғибот ва огоҳонидан, ки метавонад истеъмолкунандаро ба иштибоҳ баранд, иҷозат дода намешавад.

105. Истифодаи мафҳуми "равғани обкардашуда", аз он ҷумла дар номи нишонҳои молӣ (тамғаҳои тиҷоратӣ) дар ҳолати тамғагузорӣ дар тамғакоғази омехтаҳои равғанҳои обкардашудаи қаймоқӣ - растанигӣ бо мақсади тарғибот ва огоҳонидан, ки метавонад истеъмолкунандаро ба иштибоҳ баранд, иҷозат дода намешавад.

106. Дар тамғагузории яхмосҳои ширӣ, яхмосҳои қаймоқӣ, пломбир, яхмосҳои ҷурғотӣ, яхмосҳо бо ивазкунандаҳои равғани ширӣ, бояд номи маҳсулоти муқарраршуда, ҷавобгӯй ба мафҳумҳое, ки дар қисми 3и Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, мавҷуд бошанд. Ҳангоми тамғагузорӣ ба яхмос дар тарафи пеши борҷомаҳои истеъмолӣ номи пурраи ин маҳсулот бо ҳарфҳои андозаашон якхела дарҷ карда мешавад.

107. Истифодаи мафҳуми "ширӣ", "қаймоқӣ", "пломбир" дар номгӯйи дар тамғагузории яхмосҳо дарҷшуда, ки дар таркибашон ивазкунандаи равғани шир дохил мешавад, иҷозат дода намешавад.

108. Шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом, ки аз тарафи шахсони воқеии ба сифати соҳибкори инфиродӣ бақайдгирифташуда ва шахсони ҳуқуқӣ барои аз нав коркард намудан, ба фурӯш бароварда шудаанд, бояд бо ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол, ки дорои маълумоти зерин мебошанд, таҳвил дода шаванд:

- номгӯй (шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом);

- нишондиҳандаҳои ҳаммонандкуние, ки дар замимаи 2 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, дар ҳолати имконияти муайян намудани онҳо;

- номгӯй ва макони воқеъшавии истеҳсолкунандаи шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом (суроғаи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла кишвар, суроғаи ҷойи истеҳсоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом (дар ҳолати мувофиқат накардан бо суроғаи ҳуқуқӣ);

- ҳаҷми шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом (бо литр) ё вазн (бо кг);

- сана ва вақти (соатҳо, дақиқаҳо) интиқоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом;

- ҳарорат дар ҳолати ҳамлу нақли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом ($^{\circ}$C):

- рақами миқдори муайяни (партияи) шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом.

109. Дар борҷомаи исеъмолии маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ бояд тамғагузории дорои маълумоти зерин, дарҷ карда шавад:

- номи маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ (мутобиқи мафҳумҳое, ки дар қисмҳои 3-11 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, бо риояи талабот ба истифодаи онҳо, ки қисми мазкур муқаррар намудааст);

- ҳиссаи вазни равғаннокӣ (бо фоизҳо) (ғайр аз маҳсулоти бе равғанкардашуда, панир, маҳсулоти панирӣ, панирҳои гудохташуда, маҳсулоти панирии гудохташуда); Ҳиссаи вазни равған дар моддаҳои хушк (бо фоизҳо), барои панир, маҳсулоти панирӣ, панирҳои гудохташуда, маҳсулоти панирии гудохташуда. Барои маҳсулоте, ки аз шири холис истеҳсол шудаанд, нишон додани ҳиссаи вазни равған дар ҳаҷми (диапазони) "аз ..... то....." бо фоизҳо бо тамғагузории намоён барои ҳар як партияи бо таъиноти мушаххаси ҳиссаи вазни равған, бо ҳама гуна роҳҳои мувофиқ, иҷозат дода мешавад. Барои омехтаҳои ширии мувофиқкардашуда ё қисман мувофиқкардашудаи аввалия ё минбаъда, омехтаҳои ҷурғотӣ, нӯшокиҳои ширии хушк барои ғизои кӯдакони хурдсол, шӯлаҳои ширии барои истеъмол тайёр ва шӯлаи хушки ширӣ (то тайёршавиашон дар шароити хона бо оби нӯшокӣ барқароршуда) барои ғизои кӯдакони хурдсол, нишон додани ҳиссаи вазни равғаннокӣ бо граммҳо дар матни тамғагузорӣ дар қисмати "Арзиши ғизоӣ" иҷозат дода мешавад;

- ҳиссаи вазни равғанокии шир (бо протсентҳо ба ҳолати равған барои маҳсулоти таркибашон ширдор);

- номгӯй ва ҷойи воқеъшавии истеҳсолкунандаи маҳсулоти аз навкоркардшудаи ширӣ (суроғаи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла кишвар, суроғаи ҷойи истеҳсоли шири хом, шири хоми беравғанкунонидашуда, қаймоқи хом (дар ҳолати мувофиқат накардан бо суроғаи ҳуқуқӣ) ва ташкилотҳо, ки аз тарафи истеҳсолкунанда барои қабули шикоятҳо аз истеъмолкунандагон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудаанд ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд;

- нишони молӣ (тамғаи тиҷоратӣ) (дар ҳолати мавҷудият);

- вазни холис ё ҳаҷми маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ (дар ҷойи барои хондан мувофиқбуда дар борҷомаи истеъмолӣ);

- таркиби маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ бо нишондоди компонентҳои ба он дохилшаванда. Дар ҳолате, ки агар компонент ба худ маҳсулоти хӯроквориеро, ки аз ду ё зиёда компонентҳо таркиб ёфта бошад дар бар гирад, ин маҳсулоти хӯрокspecies дар қисмати "таркиб"-и матни тамғагузорӣ бо номи худ нишон дода мешавад. Маҳсулоти ширӣ, ки ба таркиби маҳсулоти аз шир таркибёфта ва (ё) маҳсулоти таркибашон ширдор дохил мешавад дар қисмати "таркиб"-и матни тамғагузорӣ бо номи худ нишон дода мешавад. Дар таркиби чунин маҳсулот номи маҳсулоти хуроквориӣ, иловагиҳои ғизоӣ (нишон надодани номҳои гурӯҳӣ ва номҳо ё индекси "Е",

компонентҳои функсионалӣ, ки дар раванди истеҳсол истифода шуда, дар таркиби маҳсулоти тайёр дохил шудаанд, иҷозат дода мешавад), хушбуйкунандаҳо мутобиқ ба талаботҳои муқарраршуда иҷозат дода мешавад. Компонентҳое, ки дар таркиби қиёмҳо дохил мешаванд, дар қисмати "таркиб"-и матни тамғагузорӣ, бо ҳисоби талабот ба таркиби компонент, нишон дода мешаванд. Тартиби дарҷ намудани маълумот дар бораи компоненти маҳсулоти ширӣ, ки маҳсулоти хӯроквории дорои компонентҳои зиёд ба ҳисоб мераванд, мутобиқи талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ" гузаронида мешавад.

- арзиши ғизоии маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, ки аз шири холис истеҳсол шудаанд (арзиши ғизоӣ бо диапазони "аз....то..." нишон дода мешавад).

- дар маҳсулоти ширӣ ё маҳсулоти туршкардашуда (баъд аз туршкунонӣ коркарди ҳароратиро нагузашта) мавҷуд будани микроорганизмҳо (чурғотӣ, бифидобактерӣ ва дигар микроорганизмҳои пробиотикӣ ва ҳамчунин хамирмояҳои (дар ҳолати мавҷудияти хамирмояҳо дар таркиби туршукунандаҳо)-и воҳидҳои колонияташкилкунанда дар 1 грамм маҳсулот);

- дар маҳсулоти серғизошудаи тайёр мавҷуд будани микро- ва макроэлементҳо, витаминҳо, дигар моддаҳое, ки барои серғизо шудани маҳсулот истифода мешаванд, бо нишондоди муносибати миқдори моддаҳои ба маҳсулот иловашуда ба миқдори шабонарӯзии истеъмоли онҳо (дар ҳолати тибқи муқаррарот мавҷуд будани тартиби нишондоди миқдори истеъмолӣ) ва хусусиятҳои истеъмолии маҳсулот (дар ҳолати зарурӣ);

- ҳуҷҷате, ки мутобиқи он маҳсулот истеҳсол мешавад ё метавонад ҳаммонанд шавад (барои маҳсулоте, ки аз кишварҳои сеюм ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, нишон надодани ҳуҷҷат иҷозат дода мешавад);

110. Дар тамғагузории маҳсулоти ширии консентронидашуда, ғализшуда ва маҳсулоти хушки ширӣ бояд маълумотҳои иловагии зерин мавҷуд бошанд:

а) Санаи истеҳсол (тайёр намудан) ва муҳлати истеъмолии маҳсулот (дар сарпӯш ё дар зери банка ё қуттиҳо дарҷ карда мешавад). Дар ҳолати нишон додани муҳлати истеъмолӣ бо калимаҳои "истеъмол мешавад то ....." ё "истифода мешавад то ..." дар қатори чунин калимаҳо нишондоди ҷойе, ки чунин маълумот дарҷ шудааст, сабт карда мешавад, масалан "нигоҳ кунед ба сарпӯш ё ба зери банка дар қатори якум ё дуюм" ё "нигоҳ кунед ба сарпӯш ё зери қуттӣ". Дар ҳолати нишон додани мӯҳлати истеъмолӣ бо калимаҳои "истеъмол мешавад дар мӯҳлати" ё "истифода мешавад то.." дар қатори ин калимаҳо мӯҳлати истеъмол (моҳ) ва навиштаҷоти: "сана ё санаи истеҳсол дар сарпӯш ё дар зери қуттӣ" дарҷ карда мешавад;

б) намуди қандҳо (сахароза, фруктоза, глюкоза, лактоза) барои маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ, консентронидашуда (ғализкардашуда) бо қанд (дар қисмати "таркиби маҳсулоти аз навкоркардшудаи ширӣ"-и матни тамғагузорӣ нишон дода мешавад).

111. Дар ҳолати тамғагузорӣ дарҷ намудани маълумот дар рӯйпуши панир, маҳсулоти панирӣ ё пӯшидани онҳо бо истифодаи рангҳои безарари шӯстанашаванда ё тамғақоғазҳои худчасп ё дигар роҳҳое, ки бехатарии маҳсулоти истеҳсолшударо таъмин менамоянд, дарҷ карда мешавад.

112. Дар тамғагузории панир, маҳсулоти панирӣ бояд маълумотҳои иловагии зерин мавҷуд бошанд:

а)намуди микрофлораҳои асосии туршкунанда (матни тамғагузорӣ аз тарафи истеҳсолкунанда ба шакл даровaрда мешавад);

б) муҳити истеҳсолии доруҳои ферментии лахтакунандаи шир.

113. Дар тамғагузории маҳсулоти ғизои кӯдакон, ки ба талаботҳои дар қисми 11 Регламенти техникии мазкур муқарраршуда мутобиқат менамоянд ва барои ғизои кӯдакони хурдсол таъин гардидаанд, бояд маълумотҳои иловагии зерин мавҷуд бошанд:

а) тавсияҳо оид ба истифодаи маҳсулоти дахлдор;

б)шароити тайёр намудан, шароити нигоҳдорӣ ва истифодаи маҳсулоти дахлдор баъд аз кушодани борҷомаҳо истеъмолӣ;

в) синни кӯдакон (бо рақамҳо бе кӯтоҳ намудани калимаҳо нишон дода мешаванд), ки маҳсулоти дахлдор барои онҳо таъин шудааст:

- аз рӯзи таваллуд - омехтаҳои аввалияи шири мутобиққкунонидашуда ё қисман мутобиқшуда (аз он ҷумла хушк ва дар асоси сафедаҳои қисман гидролизшуда), омехтаҳои ҷурғотии хушк;

- (аз) 6 моҳа боло - омехтаҳои минбаъдаи шири мутобиққкунонидашуда ё қисман мутобиқшуда (аз он ҷумла хушк ва дар асоси сафедаҳои қисман гидролизшуда), омехтаҳои ҷурғотии хушк;

- (аз) 6 моҳа боло - нӯшокиҳои ширӣ (аз ҷумла хушк) барои кӯдакони хурдсол, фалла ва маҳсулот дар асоси фалла;

- (аз) 8 моҳа боло - ширӣ нӯшокӣ (барои тайёр намудани хӯрокҳои иловагӣ барои кӯдакони хурдсоли аз 4 моҳа боло бо нишондоди маҳдудиятҳои синнусолӣ дар ҳолати таъиноти пурраи маҳсулот дар тамғагузорӣ);

- аз 8 моҳа боло - қаймоқи нӯшокӣ (барои тайёр намудани хӯрокҳои иловагӣ барои кӯдакони хурдсоли аз 6 моҳа боло бо нишондоди маҳдудиятҳои синнусолӣ дар ҳолати таъиноти пурраи маҳсулот дар тамғагузорӣ);

- аз 8 моҳа боло - кефир, йогурт ва дигар маҳсулоти ҷурғотӣ.

г) таркиби маҳсулот (бо нишондоди номгӯи равғанҳои растанигӣ ва карбогидридҳои истифодашаванда)

д) арзиши ғизоии маҳсулот, аз ҷумла мавҷудияти витаминҳо, моддаҳои маъданӣ ва арзиши энергетикӣ (дар ҳолати серғизо намудани маҳсулот - фоизҳо аз талаботи шабонарӯзӣ)

114. Дар борҷомаҳои омехтаҳои ширии аввалия ё минбаъдаи мувофиқкардашуда ё қисман мувофиқкардашуда (аз ҷумла хушк) бояд навиштаҷоти огоҳкунанда гузошта шавад: "Барои ғизои кӯдакони хурдсоли ширмак пешбинишуда". Дар тамғагузорӣ барои ивазкунандаҳои ширӣ модар на бояд расми кӯдакон мавҷуд бошад.

115. Маълумот дар бораи дигар маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти аз шир таркибёфта ва маҳсулоти таркибашон ширдори ғизои кӯдакон, ки барои ғизои кӯдакони синни то мактабӣ ва синни мактабӣ таъин шудаанд, бояд ба талаботе, ки дар банди 86 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, мутобиқат намоянд.

116. Ҳадди тамоюли иҷозатдодашудаи нишондиҳандаҳои арзиши ғизоии маҳсулоти ширӣ, ки дар тамғагузорӣ дар борҷомаи он ё дар тамғақоғаз нишон дода шудаанд, аз нишондиҳандаҳои ҳақиқии арзиши ғизоии чунин маҳсулот набояд аз ҳадди иҷозатдодашудаи дар замимаи 4 Регламенти техникии мазкур муқарраршуда зиёд бошад. Нишондиҳандаи арзиши ғизоии маҳсулоти ширӣ бояд дар асоси таъиноти баркашии миёна, ки бо методи ҳасобӣ дар асоси муҳимиятҳои маълум ё аҳамияти баркашии миёна дар ҳолати тадқиқоти маҳсулоти ширӣ аз тарафи истеҳсолкунанда гирифташуда, ё методи ҳисобии дар асоси муҳимияти ҷадвалӣ, ки аз маъхазҳои расмӣ гирифта шудаанд ё методҳои ҳисобӣ дар ҳолати ташхисӣ нишондиҳандаҳои арзиши ғизоии компонентҳои истифодашуда, муқаррар карда мешаванд.

117. Миқдори моддаҳое, ки барои серғизокунии маҳсулоти ширӣ дохил карда шудаанд, бо ҳисоби мавҷудияти онҳо дар маҳсулоти нишондодашуда дар охири мӯҳлати истеъмолии он нишон дода мешавад. Дар робита бо паст шудани миқдори витаминҳо дар маҳсулоти ширӣ дар давраи мӯҳлати истеъмолии он барои истеҳсоли чунин маҳсулот зиёд намудани мавҷудияти витаминҳо бештар аз 50% барои витаминҳои дар равған ҳалшаванда ва на зиёда аз 100% барои витаминҳои дар об ҳалшаванда аз рӯи муносибат бо нишондиҳандаҳои баёншуда иҷозат дода мешавад.

118. Номи маҳсулот дар тарафи пеши борҷомаи истемолӣ бо истифодаи ҳарфҳои андозаашон якхела на камтар аз 9,5 дараҷаи калонии ҳарф (кегл), дар зарфи истеъмолии калон ё бо вазни камтар аз 100 мл (г)бо истифодаи ҳарфҳои андозаашон якхелаи на камтар аз 8,5 кегл нишон дода мешавад.

119. Дар ҳолати имконият надоштани ҷойгиркунии ҳамаи ҳаҷми маълумоти зарурӣ дар тамғагузории борҷомаи истеъмолии маҳсулот як қисми маълумот бояд дар варақа - замима (ба истиснои номи маҳсулот, таъиноти ҳиссаи вазни равған, вазни холис ё ҳаҷми маҳсулот, санаи истеҳсоли он ва мухлати истеъмол, номи истеҳсолкунанда) ҷой дода мешавад ва дар борҷомаи истеъмолии чунин маҳсулот бояд навиштаҷоти зерин ҷой дода шавад: "Маълумоти иловагӣ - "ниг. варақа-замима".

## 14. Таъмини мутобиқат ба талаботи бехатарӣ

120. Мутобиқати шир ва маҳсулоти ширӣ ба Регламенти техникии мазкур бо иҷрои талаботи он ва ҳамчунин талаботи дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, таъмин мегардад.

121. Усулҳои ташхис (санҷиш) ва ченкунӣ бо стандартҳо мутобиқи феҳристи стандартҳое, ки дорои қоида ва методҳои ташхис (санҷиш) ва ченкунӣ мебошанд, аз ҷумла қоидаи интихоби намунаҳое, ки барои истифода ва иҷроиши талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин амалӣ намудани баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулот заруранд, муқаррар карда мешаванд.

## 15. Баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати шир ва маҳсулоти ширӣ

122. Баҳодиҳии мутобиқати шир ва маҳсулоти ширӣ дар шакли зерин гузаронида мешавад:

- тасдиқи мутобиқати чунин маҳсулот ба талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур;

- санҷиши (назорати) давлатӣ оид ба риояи талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур ба маҳсулот ва равандҳои истеҳсол, борҷомакунӣ, тамғагузорӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯш, ки ба он алоқаманд мебошанд.

## 16. Тасдиқи мутобиқати шир ва маҳсулоти ширӣ

123. Шир ва маҳсулоти ширие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешаванд, тибқи талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур, дар шакли сертификаткунонии ҳатмӣ ба тасдиқи мутобиқат мансубанд.

124. Сертификаткунонии ҳатмии шир ва маҳсулоти ширӣ аз тарафи мақоми сертификаткунонӣ, ки доираи аккредитатсияаш ба шир ва маҳсулоти ширӣ татбиқ карда мешавад, дар асоси шартнома ва (ё) дархости байни дархостдиҳанда ва мақоми сертификаткунонӣ амалӣ карда мешавад.

125. Дархостдиҳанда ӯҳдадор аст мутобиқати шир ва маҳсулоти шириро ба талаботе, ки Регламенти техникии мазкур муқаррар намудааст, таъмин намояд.

126. Тасдиқи мутобиқати маҳсулот аз тарафи воридкунанда дар шакли сертификаткунонии ҳатмӣ дар асоси далелҳое, ки бо ҷалби озмоишгоҳҳои аккредитатсияшуда гирифта шудаанд, амалӣ карда мешавад.

127. Баҳодиҳӣ (тасдиқи) мутобиқат нисбати маҳсулоти зерин амалӣ карда мешавад:

- маҳсулоте, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардa мешавад - дар шакли сертификатсияи ҳатмӣ;

- маҳсулоте, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муомилот мебошанд - дар шакли санҷиши (назорати) давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур.

128. Дар ҳолати тасдиқи ҳатмии мутобиқат дархостдиҳанда ҳамчун истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ба ҳисоб меравад.

129. Нисбати маҳсулоте, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, тасдиқи мутобиқати ҳатмӣ аз тарафи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда воридкунанда, фурӯшанда) дар қисми зерин амалӣ карда мешавад:

- таъмини мутобиқати маҳсулоти воридшуда ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин намояд.

- ҷавобгарӣ барои номутобиқатии маҳсулоти воридшуда ба талаботи Регламенти техникии мазкур.

130. Тасдиқи ҳатмии мутобиқати ҳар як партияи маҳсулот ба таври алоҳида гузаронида мешавад.

131. Ҳангоми тасдиқи мутобиқати ҳатмии маҳсулот тибқи Регламенти техникии мазкур истеҳсолкунанда ӯҳдадор аст:

- назорати истеҳсолиро ба роҳ монад ва барои он ки раванди истеҳсолот мутобиқати маҳсулотро ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин намояд, чораҳои зарурӣ андешад;

- санҷиши пешакии ҳар як партияи маҳсулотро дар озмоишгоҳи истеҳсолӣ барои назорати дохилӣ ҷиҳати мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур тибқи усулҳое, ки стандартҳои бо Регламенти техникии мазкур алоқаманд, муқаррар намудаанд гузаронад.

132. Сертификаткунонии ҳатмии партияҳои маҳсулоте, ки ба муомилот баровардa мешаванд, мутобиқи тартиби муқарраршуда гузаронида мешавад.

133. Тартиби амалӣ намудани сертификаткунонии ҳатмии маҳсулот амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- пешниҳоди дархост;

- гирифтани намуна ва идентификатсияи маҳсулот;

- гузаронидани ташхиси намунаи маҳсулот дар озмоишгоҳҳои мустақили аккредитатсияшуда;

- ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ташхис ва қарор қабул намудан дар бораи ба дархостдиҳанда додани (дар бораи рад намудани) сертификати мутобиқат;

- амалӣ намудани назорати инспексионии маҳсулоти сертификатшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани тадбирҳои ислоҳотӣ дар ҳолати номутобиқатии маҳсулот ба талаботи муқарраршуда ва истифодаи нодурусти нишони мутобиқати регламентҳои техникӣ.

## 17. Санҷиш ва назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи регламенти техникии мазкур

134. Санҷиши (назорати) давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур вобаста ба шир ва маҳсулоти ширӣ ва бо равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯши ба он алоқаманд, аз тарафи мақомотҳои ваколатдор тибқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 18. Муқаррароти хотимавӣ

135. Сертификатҳои мутобиқати шир ва маҳсулоти ширӣ, ки то рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур дода шудаанд, то ба охир расидани мӯҳлати амалашон эътибор доранд.

136. Ба шир ва маҳсулоти ширии то рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардашуда, талаботе, ки то рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур амал мекунанд, татбиқ карда мешавад.

137. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накрдани талаботи Регламенти техникии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## 19. Тартиби мавриди амал қарор гирифтани регламенти техники мазкур

138. Регламенти техникии мазкур баъд аз гузаштани шаш моҳ аз рӯзи тасдиқи он, мавриди амал қарор дода мешавад.

Замимаҳо

ЗАМИМАИ № 1
ба Регламенти техникии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Бехатарии шир
ва маҳсулоти ширӣ»

## Нишондиҳандаҳои физикӣ-кимиёвӣ ва микробиологии ҳаммонандсозии маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ

Ҷадвали 1

Шир, қаймоқ, маҳсулоти таркибашон ширдоштаи моеъ ва бо таркиби ширӣ, маҳсулоти туршкунонидашуда, маҳсулоти ғализкардашуда, маҳсулот аз шири хушк

| Номгӯйи маҳсулоти аз нав коркардшудаи ширӣ | Ҳаҷми умумии маҳсулот, % | | | Микроорганизмҳои туршкунандакунанда, микроорганизмҳои пробиотикӣ, хамирмоя |
|---|---|---|---|---|
| | равғаннокӣ | сафеда на камтар аз (барои маҳсулоти таркибашон ширдошта – бо асоси ширӣ) | БШХБ*, на зиёда аз (барои маҳсулоти таркибашон ширдошта – бо асосҳои ширӣ) | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Шири нӯшиданӣ | 0,1 – 9,9 | 2,8 (барои шир бо ҳаҷми умумии равган зиёда аз 4 фоиз – 2,6) | 8 | – |
| Нӯшокии ширӣ | 0,1 – 6 | 2,6 | 7,4 | – |
| Коктейли ширӣ, нӯшокиҳои полудаи яхнӣ, айрон, мусс, хамира, суфле | 0,1 – 9,5 | – | – | – |
| Қаймоқи нӯшиданӣ, аз ҷумла тамъизкардашуда | 10 – 34 | 1,8 – 2,6 | 5,2 – 8 | – |
| Қаймоқи нӯшиданӣ, серравған | 35 – 58 | 1,2 | 3,6 | – |
| Маҳсулоти туршкунанда**, ба ғайр аз айрон, йогурт, | 0,1 – 9,9 | 2,8<br>2,8 (барои маҳсулот бо ҳаҷми умумии равган | на кам аз 7,8 | микроорганизмҳои туршкунанда –<br>на кам аз |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| қаймоқи саршир, фалла, аз ҷумла маҳсулот бо бифидобактерияҳо ва дигар микроорганизмҳои пробиотикӣ | | зиёда аз<br>4 фоиз – 2,6) | | 1 x $10^7$ КОЕ***/см$^3$ (г).<br>Барои маҳсулоти бо бифидобактерияҳо ва дигар микроорганизмҳои пробиотикӣ мукаммалгардида,<br>аз ҷумла йогурт, бифидобактерӣ ва (ё) дигар микроорганизмҳои пробиотикӣ -<br>на кам аз 1 x $10^6$ КОЕ/ см$^3$ (г)**.<br>Хамирмоя дар охири мӯхлати истифода, на кам аз: барои айрон, ҷурғот – 1 x $10^4$ КОЕ/см$^3$ (г), барои қимиз – 1 x $10^5$ КОЕ/см$^3$(г) |
| Йогурт | 0,1 – 10 | 3,2**** | на кам аз 9,5***** | |
| Қаймоқи саршир ва маҳсулот аз он | 10 – 58 | 1,2 | 3,6 | микроорганизмҳои туршкунанда барои қаймоқи сершир – на кам аз<br>1 x $10^7$ КОЕ/см$^3$ (г) |
| Фалла (ғайр аз фаллаи бо истифодаи ултраполоишдиҳандаи ҷудокунанда истеҳсолшуда ва фаллаи дона-дона) | 0,1 – 35 | 12<br>Барои фалла бо вазни холиси равган, зиёда аз 18 % – 8 | 13,5<br>Барои фалла бо вазни холиси равган, зиёда аз 18 % – 10 | микроорганизмҳои туршкунанда барои фалла – на кам аз<br>1 x $10^6$ КОЕ/см$^3$ (г) |
| Фалла бо истифодаи ултраполоишдиҳандаи ҷудокунанда | 0,1 – 25 | 7 | 10 | микрофлораҳо барои туршкунонии фаллаӣ , ҷой надоштани ҳуҷайраҳои бегонаи микрофлорӣ |
| Фаллаи дона-дона | на зиёда аз 25 | 8 | – | микрофлораҳо барои |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | туршкунонии фаллаӣ , ҷой надоштани ҳуҷайраҳои бегонаи микрофлорӣ |
| Вазни фалла | на кам аз 0,1 | 6 | – | микрофлораҳо барои туршкунонии фаллаӣ , ҷой надоштани ҳуҷайраҳои бегонаи микрофлорӣ |
| Маҳсулоти фаллаӣ****** | 0,1 – 35 | – | – | микрофлораҳо барои туршкунонии фаллаӣ , ҷой надоштани ҳуҷайраҳои бегонаи микрофлорӣ (ба истиснои тариқи гармӣ истеҳсолшуда) |
| Шири тамъизгардидаи қиёмшуда (серғизо) | 0,2 – 16 | 6 | 11,5 | – |
| ғализкардашуда бо қанд | 0,2 – 16 | 5 | 12 | – |
| Қаймоқи қиёмшуда бо қанд | 19,0 – 20,0 | 6 | 18 | – |
| Шири хушк | 0,1 – 41,9 | 18 | 53,1 | – |
| Қаймоқи хушк | 42 – 74 | 7 – 18 | 21 – 55 | – |
| Қаймоқи серравған | 75 – 80 | 5 | 15 | – |
| Зардоби ширии хушк | на зиёда аз 2 | на кам аз 10 | на кам аз 92 | – |

* БШХБ – боқимондаи ширии хушконидаву беравған

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| «чакка» | 0,1-6,0 | 3,0 | 9,0 | Стрептоккоки термофилӣ чубчаи атсеидофилӣ |
| «БИО кефир» | 0,1-3,0 | 2,8 | 7,5 | Стрептоккоки термофилӣ бифидобактерияҳо |
| «Дуғоб» -газдор | - | 1,5 | 5,0 | чубчаи атсеидофилӣ чубчаи булғорӣ |
| « Дуғи тоҷикӣ» | 0,1-1,0 | 2,0 | 6,0 | Стрептоккоки термофилӣ чубчаи атсеидофилӣ |
| «Қаймоқ» | 10,0-60,0 | 2,4 | 15,0 | - |
| « Ҷурғот» | 0,1-3,2 | 2,8 | 7,5 | Стрептоккоки термофилӣ ночаспон |

**Барои маҳсулоти туршкунанда барои ғизои кӯдакони синни хурд, ҳамчунин барои ғизои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ – мутобиқ ба муқаррароти № 2 ва 11 ба Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ» (РТ ҶТ 00/2015).

***ВКО – воҳидҳои колониофаранда.

****Барои маҳсулоти таркибашон ширдошта вазни холиси сафеда, % – на кам аз 2,8.

***** Барои маҳсулоти таркибашон ширдошта вазни холиси БШХБ, % – на кам аз 8,5.

******Нишондиҳандаҳои ҳаммонанди маҳсулоти фаллаӣ дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва техникӣ, ё стандарҳои ташкилот ба қоида даровардa мешаванд.

Ҷадвали 2

Равған ва хамираҳои равғанӣ аз шири гов

| Номгӯйи равғанҳо | Вазни холис, % | | | Муайян намудани миқдори кислотаҳои плазмаҳои маҳсулоти ширӣ, °Т | |
|---|---|---|---|---|---|
| | равған | рутубат | намакҳо | ҳадди ширинӣ | ҳадди туршӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| Равғани зард | на кам аз 99 | на зиёда аз 1 | – | – | – |
| Равғани қаймоқӣ, аз ҷумла: | | | | | |
| ширинқаймоқ ва туршқаймоқ | – | – | – | на зиёда аз 30 | 40 – 65 |
| бенамак | 50 ва зиёда | 14 – 46 | – | – | – |
| намакхӯрда | 50 ва зиёда | 13 – 45 | 1 | – | – |
